# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад

ЧОРШАНБЕ, 10 апрели соли 2019

№14-15 (8323)

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён




## МАВСИМИ БАҲОРИИ ДАЪВАТИ ҲАРБӢ САР ШУД

1 апрел мавсими нави даъвати шаҳрвандони аз 18 то 27-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ оғоз гардид. Тибқи Фармони Президенти мамлакат, моҳҳои апрел -майи соли 2019 шахрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18-расида, инчунин шахрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумхурии Тоҷикистон даъват карда мешаванд. Дар банди 5-уми Фармони мазкур омадааст, ки раисони шаҳру нохияҳо бо дарки масъулият якҷо бо комиссариатҳои харбӣ барои амалӣ намудани муқаррароти моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати харбӣ ба роҳ монанд.

*Даъват-2019*

## ТАНТАНАИ КУЛЧАГАЗОН ВА ГУСЕЛИ НАВАСКАРОН

Рӯзи 1-юми апрел дар муассисаи давлатӣ - варзишӣ (Арена)-и ноҳия бо иштироки масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарону ҳайати кормандони комиссариат, раисон ва сардорони мизҳои ҳарбии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, падару модарон ва хешу пайвандон чорабинии кулчагазон бахшида ба даъвату сафарбарии ҷавонон ба хизмати сарбозӣ баргузор гардид.

Сипас раиси ноҳия Зафар Файзуллозода зимни суханронии худ ба 21 нафар ихтиёриён,ки ба хизмати ҳарбӣ мерафтанд ва ба волидони онҳо рӯ оварда бо изҳори сипос чунин иброз дошт.

**Ҷавонони азиз!**

**Падару модарони гиромӣ!**

Наврасону ҷавонони мо бояд дар чунин руҳияе ба воя расанд, ки брояшон ҳар як пораи хоки Тоҷикистони азиз муқаддас бошад ва ҳифз кардани онро барои худ қарзи фарзандӣ ва шарафи бузург донанд.Мо борҳо зимни боздид аз қисмҳои низомӣ шоҳиди он гаштем, ки сарбозон ва афсарон дар қисмҳои низомӣ, дидбонгоҳҳои сарҳадӣ ва дигар ҷузъу томҳо дар шароити муносиби корӣ ва зист фаъолият дошта аз ягон ҷиҳат танқисӣ надоранд.

Бинобар ин ,моро зарур аст, ки насли имрӯзаро дар рӯҳияи қаҳрамонию диловарӣ, ҷасорат, муҳаббати зиёд доштан ба халқу диёри худ тарбия намоем.

Зеро Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафҳои Артиши миллиро натанҳо ҷойи адо кардани қарзи фарзандӣ, балки мактаби камолоти инсонӣ ва шуҷоати мардонагӣ ҳисоб мекунад.



Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҳаёт аст, зеро онҳо маҳз дар давраи хизмати аскарӣ имкон доранд, ки моҳияти мафҳумҳои Ватан, давлат ва миллати худро ба хубӣ дарк карда, сабақи далериву шуҷоат ва садоқат омӯзанд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳазорҳо ҷавонони аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутоб ёфта, зираку чолок ва дорои тарбияи баланди ватандӯстиву ифтихори миллӣ дошта сарбаландона адои хизмат менамоянд, ки бо нерӯи худ дар таҳкими сулҳу суботи кишварамон ҳиссаи муносиб мегузоранд.

Ҷавонон набояд фаромӯш кунанд, мардум, падару модарон ва хоҳару бародарони мо дар симои ҳар яки Шумо ҳомиёни воқеии Ватан, муҳофизони сарзамин ва марзу буми аҷдодиро мебинанд ва боварӣ доранд, ки Шумо ҳамеша ба иҷрои рисолати муқаддаси худ, яъне ҳифзи Ватан - модар ва дифоъ аз манфиатҳои давлату миллат омода ҳастед.

З.Файзуллозода дар идома бо итминон афзуд, ки сарбозони шуҷои Қувваҳои мусаллаҳи кишвар ба савганди ҳарбии худ содиқ монда, рисолати фарзандии худро дар назди Модар-Ватан ва халқу давлатии худ бо сарбаландӣ адо мекунанд ва тамоми донишу таҷриба, малакаву маҳорати худро ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ сафарбар менамоянд. Ҳамзамон аз наваскарон даъват ба амал овард, ки ҳифзи марзу буми ватанро муқаддас шуморанду дар сафҳои Кувваҳои мусаллаҳи ҶумҳурииТоҷикистон шомил шуда, бо сари баланд қарзи фарзандиро ба ҷо оранд.

Инчунин дар чорабинии мазкур сарбози ихтиёрӣ Далер Амиров ба сухан баромада ишора ба муҳофизони ватан- ҷавонони ҳамсолаш гуфт:

**Сархату сарвату сармояи**
**инсон ватан аст,**
**Дар китобест, ки аз гӯшаи**
**имон ватан аст.**
**Лаззати боғи ватан лаззати**
**гулзори биҳишт.**
**Беҳтар аз тахти зарру ганҷи**
**Сулаймон ватан аст.**

Ва бо як ғуруру сарбаландӣ,қаноатмандӣ аз тинҷиву оромии кишвар изҳор намуд,ки «хизмат ҷойи мардон аст».

Сархатиби масҷиди ҷомеаи ноҳия Зайниддин Қаршиев дар тавқияти суханони ин сарбоз гуфт:

**То бихобад миллате осуда**
**дар болини ноз,**
**Аскаре бояд, ки санги**
**хораро бистар кунад.**

Ва ҳамагӣ «Илоҳи Парвардигоро муродҳоямон ҳосил,ғоибонамонро ҳозир намо. Фарзандонамон соқу саломат ба хизмат рафта бо сари баланду рӯи сурх ба наздамон баргарданд», гӯён даст ба дуо бардоштанд.

Дар фароварди суханронӣ маросими кулчагазон доир шуд. Дар фарҷоми чорабинӣ зери навои мусиқиву сурудхонии ҳунармандони Қасри фарҳанги ноҳия наваскарон бо волидони хеш рақсида шодиву хушҳолӣ намуданд. Сипас бо даъвати сардори комиссариати ноҳия подполковник Чоршанбезода Тоир Наим сарбозони оянда сари хони густурда нишастанд.

***Адолатҷӯ***

## АХБОРОТ
## оиди иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси вакилони халқи НОҲИЯ, (даъвати панҷум)

27 марти соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (даъвати панҷум) доир гардид. Дар кори ичлосия муовинону рохбари Дастгохи раиси нохия, мудирони бахшу шуъбахои мақомот, роҳбарони идораю ташкилотҳо, раисони ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак, директорони муассисаҳои таълимӣ, масъулони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони соҳаи тандурустӣ, раисони кумитаҳои маҳаллаҳо ва имомхатибони масҷидҳо низ даъват шуда буданд. Иҷлосияро раиси ноҳия Файзуллозода Зафар ифтитоҳ карда, кайд намуд, ки аз 40 нафар вакилон 4 нафар бо сабабҳои узрнок ҳузур надоранд. Бо пешниҳоди Шарифзода М- вакил аз ҳавзаи интихоботии №10 ва дастгирии якдилонаи вакилон котибони иҷлосия дар ҳайати зерин тасдиқ гардид.

Юсупов Нормуҳаммад- вакил аз ҳавзаи интихоботии №8-раиси котибот

Сафаров Холмирзо-вакил аз ҳавзаи интихоботии №1

Абдуназарова Саломат- вакил аз ҳавзаи интихоботии №30 котибот интихоб шуданд.

Дар иҷлосия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Рӯзномаи иҷлосия:**

1. Рафти татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф,тандурустӣ,фарҳанг,кор бо занон,ҷавонон,варзиш ва рушди анъанаҳои миллӣ дар ноҳия.

2. Рафти иҷрои қарори раиси ноҳия аз 11.10.011,№270 «Дар бораи Барономаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пила да Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020».

3. Ҳисоботи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқии ноҳияи Қубодиён «Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг, иттилоот, тандурустӣ, муҳофизати оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кор бо ҷавонон варзиш ва саёҳӣ».

4. Оид ба мактуби кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2019, №2487/13-3 дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён аз 22 декабри соли 2018,№207 «Дар бораи муқаррар намудани меъёрҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмии алоҳида дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён».

5. Дар бораи тасдиқ намудани қарорҳои раиси ноҳияи Қубодиён, ки дар байни иҷлосияҳои сездаҳум ва чордаҳум қабул гардидаанд.

Раиси ноҳия Файзуллозода Зафар, ки бевосита кори иҷлосияро пеш мебурд аз руи масъалаи якуми иҷлосия «Рафти татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг,кор бо занон,ҷавонон,варзиш ва рушди анъанаҳои миллӣ дар ноҳия» суханро ба муовин Шарипова Т. вакил аз ҳавзаи интихоботи №16 дод. Ба баррасии масъалаи дуюми рӯзномаи иҷлосия «Рафти иҷрои қарори раиси ноҳия аз 11.10.011,№270 «Дар бораи Барономаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пила да Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» гуфт раиси маҷлис ва сухан ба вакил аз ҳавзаи интихоботии №4 Тоҷиев Алӣ дода шуд.

Аз рӯи масъалаи сеюм «Ҳисоботи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқии ноҳияи Қубодиён «Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг, иттилоот, тандурустӣ, муҳофизати оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кор бо ҷавонон варзиш ва саёҳӣ» вакил аз ҳавзаи интихоботии №6 Мамадкарим Додихудо ва аз рӯи масъалаи чорум «Оид ба мактуби кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2019, №2487/13-3 дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Қубодиён аз 22 декабри соли 2018,№207 «Дар бораи муқаррар намудани меъёрҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмии алоҳида дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён» Алӣ Тоҷиев баромад намуд.

Вакилони нохия аз рӯи масъалаи панҷум қарорхои қабулнамудаи раиси нохияро тасдиқ намуданд.

Дар кори иҷлосия намояндаи мақомоти иҷроияи давлатии вилояти Хатлон сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Исозода Диловар иштирок ва суханронӣ намуд. Дар ҷамъбасти кори иҷлосия Зафар Файзуллозода ба ҳозирин дар кору фаъолияти минбаъдаашон дар рушду пешрафти ноҳия барору бурдборихо таманно намуд.

***А. Сайфуллозода,***
***“Тахти Қубод”***

# ҚАРОРҲОИ РАИСИ НОҲИЯ

## ДАР БОРАИ ОЗМУНИ ВИЛОЯТИИ «ОБОДГАРИ ВАТАН»

Аз 20 марти соли 2019 тахти №420 Қарори раиси ноҳияи Қубодиён « Бо мақсади татбиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018,№ АП-1059 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни «30 солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон»,эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот,саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», беҳтар намудани намои шаҳраку деҳот, фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорон ва ҳавасманд гардонидани онҳо ба тавсиб расид.Дар қарори мазкур қайд гардидааст,ки Қарори раиси вилояти Хатлон аз 12 феврали соли 2019, №41 «Дар бораи озмуни вилоятии «Ободгари Ватан» ба роҳбарӣ гирифта шавад. Инчунин тибқи нишондоди банди 2-и қарори мазкур Низомнома ва ҳайати кумитаи тадорукоти озмуни ноҳиявии «Ободгари Ватан» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1,2). Дар банди 3 –и қарор омадааст: Озмуни «Ободгари Ватан» давоми солҳои 2019-2021 мунтазам натиҷагирӣ щуда, зимни ҷамъбасти рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия дар ҳар семоҳа ғолибон кадршиносӣ карда шаванд.

Дар банди 4-5-ум Раёсати молияи ноҳия вазифадор карда шавад, ки ҳамасола маблағи мукофотонии озмуни ноҳиявии «Ободгари Ватан»-ро тибқи низомнома аз ҳисоби маблағи фонди захиравии раиси ноҳия ба дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён ҷудо намояд.

Роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён вазифадор карда шавад, ки маблағи ҷудошударо мақсаднок истифода намуда, аз натиҷааш ба раёсати молияи ноҳия ҳисобот пешниҳод намояд.

Дар банди 6-и қарор сабт шудааст,ки рӯзномаи ноҳиявии «Тахти Қубод» ташкили озмун ва талаботи низомномаи онро дар саҳифаҳои рӯзнома чоп намояд.

Ҳамзамон назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини соҳавии раиси ноҳия гузошта шудааст.

## Дар бораи таъсиси Ҷоизаи раиси ноҳияи Қубодиён- «Вориси Сино»

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, савияи дониши касбиикормандони соҳа ва ҳавасманд намудани кормандони соҳаи тандурустиинохия мутобиқи моддаҳои 19, 20 ва 33-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимиятидавлатӣ» ва 26-и Қонуни ЉумҳурииТоҷикистон«Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қ а р о р м е к у н а м:

1. Қарори раиси вилояти Хатлон аз 15 феврали 2019, №46 “Дар бораи таъсиси Ҷоизаи раиси вилояти Хатлон «Вориси Сино»” барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2.Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ вабаланд бардоштани мақомитабиб дар ноҳия Ҷоизаи раиси ноҳияиҚубодиён - «Вориси Сино» дарсоҳаи тандурустӣ таъсис дода шавад.

3.Ҷоизаи муқарраршуда ҳар сол дар «Рӯзи кормандони соҳаи тиб» бағолиб такдим карда мешавад.

4.Низомнома ва ҳайати Кумитаи тадорукоти Ҷоизаи раиси ноҳияи Қубодиён - «Вориси Сино» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

5. Раёсати молияи ноҳия вазифадор карда шавад, ки ҳамасоламаблағи мукофотонии 6 Ҷоизаи раиси ноҳияи Қубодиён - «Вориси Сино»- ро, ки ҳар кадомашон бамаблаги 1 500 (ҳазору панҷсад) сомонӣ, ҷамъ 9000 (нӯҳҳазор) сомонӣ пешбинӣ шудаст, аз ҳисоби маблағи фонди захиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба дастгоҳи раисиноҳияиҚубодиён ҷудо намояд.

6.Роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён вазифадор карда шавад, ки маблағи ҷудошударо мақсаднок истифода намуда, аз натиҷааш ба Раёсати молияи ноҳия ҳисобот пешниҳод намояд.

7.Рӯзномаи ноҳиявии “Тахти Қубод” дар саҳифаҳои рӯзнома меъёрҳои қарори мазкурро нашр намояд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зимаи муовини соҳавии раиси ноҳия гузошта шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён, З. Файзуллозода**
**№422 аз 20 марти соли 2019**

## Баргузории фестивал, ид ва озмунҳо бахшида ба анъана ва хунархои мардумӣ барои солхои 2019-2021”.

Бо максади иҷрои Амри Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, №АП-1140 “Дар бораи баргузории фестивал, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2019-2021”, мутобиқи моддаҳои 19, 20, ва 33-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ва моддаи 26-и Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” қ а р о р мекунам:

1.Қарори раиси вилояти Хатлон аз 19 феврали соли 2019, №55 “Дар бораи баргузории фестивал, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Хатлон-барои солҳои 2019-2021” барои иҷро ба рохбарӣ гирифта шавад.

2.Ҷадвали баргузории фестивал, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ дар ноҳияи Қубодиён барои солхои 2019-2021 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3.Мудирони шуъбаву бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён, ташкилоту муассисаҳо ва раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия вазифадор карда шаванд, ки баргузории чорабиниҳоро дар мухлатҳои муқарраршуда таъмин намоянд.

4. Сардори Раёсати молияи ноҳия вазифадор карда шавад, ки маблағи баргузории фестивал, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2019-2021 -ро, ки тибқи харҷнома пешбинӣ мегарданд, аз ҳисоби маблағи фонди захиравии раиси ноҳия ва дигар сарчашмаҳое, ки конунгузори манъ накардааст, ба дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён ҷудо намояд.

5. Роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён вазифадор карда шавад, ки маблағи ҷудошударо мақсаднок истифода намуда, аз натиҷааш ба раёсати молияи ноҳия ҳисобот пешниҳод намояд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якум, муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси нохия вогузор карда шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён, З.Файзуллозода**
**№424 аз 20 марти соли 2019**

## Озмунҳои «Беҳтарин муассисаи тиббии сол», «Беҳтарин табиби сол», «Беҳтарин корманди миёнаи тиббии сол» ва «Беҳтарин дастоварди соҳаи тиб»

Бо мақсади рушди соҳаи тандрустии ноҳия, ҳифзи саломатӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои табобати беморон мутобиқи моддаҳои 19, 20 ва 33-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қ а р о р м е к у н а м:

1. Қарори раиси вилояти Хатлон аз 15 феврали соли 2019, №45 «Дар бораи озмунҳои вилоятии «Беҳтарин муассисаи тиббии сол», «Беҳтарин табиби сол», «Беҳтарин корманди миёнаи тиббии сол» ва «Беҳтарин дастоварди соҳаи тиб дар вилоят» барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2.Ҳамасола то 10 ноябр озмунҳои ноҳиявии «Беҳтарин муассисаи тиббии сол», «Беҳтарин табиби сол», «Беҳтарин корманди миёнаи тиббии сол» ва «Беҳтарин дастоварди соҳаи тиб дар ноҳия» гузаронида шавад.

3.Низомнома ва ҳайати Кумитаи тадорукоти озмунҳои ноҳиявии «Беҳтарин муассисаи тиббии сол», «Беҳтарин табиби сол», «Беҳтарин корманди миёнаи тиббии сол» ва «Беҳтарин дастоварди соҳаи тиб дар ноҳия» тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1, 2).

4.Раёсати молияи ноҳия вазифадор карда шавад, ки ҳамасола маблағи мукофотонии озмунҳои ноҳиявии «Беҳтарин муассисаи тиббии сол», «Беҳтарин табиби сол», «Беҳтарин корманди миёнаи тиббии сол» ва «Беҳтарин дастоварди соҳаи тиб дар ноҳия» -ро, ки ба ҳар як озмун 1 500 (хазору панҷсад) сомонӣ, дар маҷмӯъ 6000 (шаш ҳазор) сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҳисоби маблағи фонди захиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён ҷудо намояд.

5.Роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён вазифадор карда шавад, ки маблағи ҷудошударо мақсаднок истифода намуда, аз натиҷааш ба Раёсати молияи ноҳия ҳисобот пешниҳод намояд.

6.Рӯзномаи ноҳиявии «ТахтиҚубод» ташкили озмунҳо ва низомномаи онҳоро дар саҳифаҳои рӯзнома чоп намоянд.

7.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини соҳавии раиси ноҳия гузошта шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён, З. Файзуллозода**
**№431 аз 28 марти соли 2019**

## Озмуни Ҷумҳуриявии “Тоҷикистон- Ватани азизи ман”

Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти истеъдодҳои нави соҳаи санъат, тақвият бахшидан ба касбияти баланди ҳунари иҷрокунандагӣ ва эҷодӣ мусиқии нав, пайдо намудани беҳтарин намунаҳои оҳанг ва сурудҳои тараннумгари дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ, мутобиқи моддаҳои 19, 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қ а р о р м е к у н а м:

1. Қарори раиси вилояти Хатлон аз санаи 15 Феврали соли 2019, №49 “Дар бораи озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” дар вилояти Хатлон” барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2. Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” дар ноҳияи Қубодиён баргузор карда шавад.

3. Низомнома ва ҳайати Комиссия оид ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” дар ноҳия тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1ва 2).

4. Раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия вазифадор карда шаванд, ки қарорҳои дахлдор қабул намуда, иҷрои саривақтӣ ва босифати озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман”-ро дар ҳамаи давраҳои озмун таъмин намоянд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини соҳавии раиси ноҳия вогузор карда шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён, З. Файзуллозода**
**29 марти соли 2019, № 447**

## Озмуни Ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…»

Бо мақсади иҷрои самарабахши қарори раиси вилояти Хатлон аз 27 феврали соли 2019, №68 оид ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2019, №АП-1165, ҳамзамон дар сатҳи зарурӣ омода намудани қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва сокинони ноҳия ба озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Фурӯғи субҳи доноӣ…»дар соли 2019, мутобиқи моддаҳои19,20,33-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»ва 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қарор мекунам:

1. Қарори раиси вилояти Хатлон аз 27 феврали соли 2019, №68 “Дар бораи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2019, №АП-1165”барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2.Низомномаи озмуни ноҳиявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…», ҳайати комиссия оид ба баргузории озмун ва ҷоизаҳои озмуни ноҳиявии «Фурӯғи убҳи доноӣ…» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1,2 ва 3).

3. Шуъбаи маориф, бахшҳои фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, дин,танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия якҷо бо ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия иҷрои талаботи қарори мазкурро таъмин намоянд.

4.Раёсати молияи ноҳия аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии раиси ноҳия, ки барои соли 2019 пешбинӣ гардидаанд, ба дастгоҳи раиси ноҳияи Қубодиён ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур10 000 (даҳ ҳазор) сомонӣ ба таври накд ҷудо намояд.

5.Роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин намуда, оид ба хароҷоти анҷом додашуда ба Раёсати молияи ноҳия ҳисобот пешниҳод намояд.

6.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини соҳавии раиси ноҳия ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия гузошта шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён, З. Файзуллозода.**
**29 марти соли 2019, №448**

*7 – АПРЕЛ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАНДУРУСТӢ*

# КАМХУНӢ ВА ҲОМИЛАДОРӢ

Камхунӣ (анемия)-и инсон дар натиҷаи пастшавии сатҳи гемоглобин ва эротроситҳо дар таркиби хун ба амал меояд.Сабаби асосии камхунӣ норасоии оҳан мебошад.Норасоии оҳан ба нокифоя ҳосилшавии гемоглобин аз ҷониби эритроблатҳои мағзи устухон мусоидат менамояд ва асоси баамалоии камхунии ҳипохромӣ мегардад.

Оҳан дар буния (организм)-и инсон 2-5 мг мавҷуд аст. Ҳиссаи асосии он (3/2) ба таркиби гемоглобин дохил мешавад. Қисми боқимондаи он дар таркиби бофтаҳо, мағзи устухон, ҷигар ва испурч ҷой гирифтаанд. Оҳан, инчунин, ба таркиби миоглобин ва як қатор ферментҳо до¬хил мешавад.

Ҳангоми ҳомиладорӣ аз боиси пурзӯршавии эритропоэз калоншавии ҷанин ба амал омада, эҳтиёҷоти зани ҳомиладор ба оҳан дар як шабонарӯз то ба 15-18 мг меафзояд. Умуман, дар давраи ҳомиладорӣ тақҷрибан 120 мг оҳан масраф мегардад, ки аз ин 500 мг барои пурзӯр¬шавии эритропоэз, 300 мг барои инкишофи низоми чанинӣ-машимаӣ, 190 мг масрафи ҷории оҳан, 230 мг ҳангоми таваллуд сарф мешавад. Воридшавии оҳан ба буния тавассути ғизо 760 мг-ро ташкил медиҳад, 460 мг норасоии оҳан бошад, бо ис- теъмоли доруҳои оҳандор пурра мегардад.

Сабабҳои асосии камхунии ҳомиладорон аз нокифоя дохилшавии оҳан ба буния тавассути ғизо, истеъмол накардами доруҳои оҳандор, фосилаи ками байни таваллуд, хунравиҳои зиёд ҳангоми ҳомиладорӣ, ҳомиладории бисёрҷанинӣ, вайроншавии ҷаббиши оҳан, ғизои нокифояю вайроншавии иштиҳо ва ғизои сабзавотӣ, тамокукашӣ ва синну соли ҷавон шуда метавонад.

Камхунии занони ҳомиладор ду навъ мешавад: яке танҳо ҳанго¬ми ҳомиладорӣ пайдо шуда, ба бемориҳои зан вобаста нест, дигарӣ аз боиси бемориҳои зан ба миён мео¬яд ва ҳудуди поёнии миқдори гемо¬глобин 110 г/л-ро ташкил медиҳад.

Нишонаҳои камхунӣ инҳоанд: паридани ранги пӯст, атрофи нохунҳо ва пайдо шудани пардаҳои луобӣ, зуд хасташавӣ, беҳавсалагӣ, хушкии пӯст, дамкӯтаҳӣ, тез шудани за- дани дил.

Дар занҳои ҳомиладоре, ки ба камхунӣ гирифторанд, фишорбаландӣ, исқоти ҳамл (бачапартой), таваллуди пеш аз муҳлат, суст шу¬дани фаъолияти зоиш, хунравии зоишӣ бо хавфи инкишофёбии садмаи хунрез, лахташавии хуни дохилирагӣ, камширӣ, таваққуфи дохилибатнии инкишоф, таваққуфи инкишофи майна ва ғайраҳо бештар дида мешаванд.

Муолиҷаи беморони камхунӣ, ки аз ҳисоби норасоии оҳан аст, асосан дар шароити дармонгоҳӣ бояд сурат гирад. Риояи реҷаи муайяни меҳнату истироҳат, сайругашт дар



ҳавои тоза, хӯроки серғизо (ҷигар, гӯшт, ҷави русӣ, себ, меваҳои хушк, чормағз, анор, ҷӯшобаи хуч) ва истеъмоли доруҳои оҳандор ба онҳо зарур аст.

***Зулфия ЗАРИПОВА***



# КОРҲОИ ОБОДОНӢ ВУСЪАТ МЕЁБАНД

Ба ифтихори 30 солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сар то сари кишвар корҳои бунёдкорию созандагӣ идома доранд. Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи мо низ тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷашн гирифтани 30 солагии ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бунёди 101 иншоот дар назар аст. Айни замон корҳои сохтмонӣ дар ноҳия суръати тоза гирифтааст. Дар соли ҷорӣ тибқи нақша ба истифода додани 43 иншооти хурду бузург пешбинӣ гардидааст. Дар 3 моҳаи аввал 7 адад иншоот мавриди истифода қарор дода шуд.Ду адад толори варзишӣ дар деҳаҳои Шоғарав ва Хуфи ҷамоат деҳоти Носир Хусрав, Ду адад майдончаи варзишӣ бо тарҳи замонавӣ дар ҷамоат деҳоти И.Ниёзов ва ҷ/деҳоти У.Назаров, як адад пули мошингузар дар деҳаи Ҷангали ҷ/деҳоти «20 солагии Истиқлол», як адад коргоҳи хурди дузандагӣ ва як адад кошонаи ҳусн дар ҷамоат деҳоти Шаҳраки Қубодиён бо иқдоми соҳибкорони муваффақи ноҳия мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Тавре, ки мудири бахши меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳия Муъминхӯҷа Давлатзода иброз дошт,дар бунёди иншоотҳои ҷашнӣ беш аз 28 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор фаро гирифта шудаанд.

Имрӯзҳо дар ду самти роҳи марказӣ,наздик ба беморхонаи Сохтори госпиталӣ сафолакпӯшкунии роҳҳои пиёдагард идома дорад.Дар семоҳаи дуюм 4 адад иншооти дигар, аз ҷумла клиникаи хусусии соҳибкор Зайниддин Зарипов,биной маъмурии ҷамоат деҳоти Н.Хусрав ва чанд адад дукону мағозаҳо дар назар дошта шудааст.

# Офати табии дар деҳаи Рӯдақул



Санаи 5 апрел дар натиҷаи боришоти зиёд дар деҳаи Рӯдақули ҷамоати деҳоти «Заркамар» сел омад, ки аз худ харобиҳои бисёре гузошт. Офати табиӣ дар як муддати кутоҳ иншооти зиддиселӣ ва қубуру селроҳаро вайрон карда маҷрояшро дигар намуд. Дар натиҷа он ба хонаву ҳавлӣ ва киштзори мардум даромада хисороти зиёде ба бор овард. Инчунин роҳҳо, ҷӯйҳо, ҳавлии мактабро вайрон карда, ба хобгоҳи омӯзгорон низ зарар расонд. Канали асосии болои деҳа, ки аслан тамоми обёрии заминҳо ба воситаи он карда мешавад, аз лою хит пур шуда баъзе ҷойҳояшро сел канда бурдааст ва аз рӯи гуфтаи раиси маҳалла Муҳиддин Норматов онро бо қувваи даст ва бе ёрии техникаи пуриқтидор аз нав барқарор кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ мутасаддиёни хоҷагии қишлоқи ноҳия ва идораҳои дахлдорро зарур аст, ки нисбати бартараф кардани оқибатҳои ин офати табиӣ чораҳои фаврӣ андешанд, то ин ки ҳосили боқимондаи заминҳои хоҷагӣ аз беобӣ талаф наёбад. Ба гуфтаи калонсолон дар 20 - 25 соли охир дар деҳа чунин сели калон наомада буд ва мардум низ онро интизор набуданд. Пас аз рух додани офати табиӣ намояндагон аз нашрияи ноҳиявии «Тахти Қубод»,аз ҷумла, рӯзноманигор - Маҳмудҷони Абдулаҳад яке аз аввалинҳо шуда ба деҳа омаданд ва аз ҳолу аҳволи мардуми зарардида хабар гирифта бо онҳо ҳамсуҳбат шуданд. Мо аз ин хеле минатдор буда,умед дорем, ки бо пахшу нашри маводҳои пешниҳодкардаи нашрия масъулин ва мақомотҳои дахлдор дар ин лаҳзаҳои мушкил ба мо дасти ёрӣ дароз мекунанд.

*Маҳмадулло Расулӣ, деҳаи Рӯдақул*

*Довталаб-2019*

# РАФТИ ҲУҶҶАТСУПОРӢ ДАР НУҚТАҲОИ БАҚАЙДГИРӢ

Аз таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 сол сипарӣ мешавад.Маркази мазкур бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №138 аз 10 феврали соли 2014 таъсис ёфтааст.

Соли 2018-ум дар ҷумҳурӣ ба воситаи низоми ИМД (Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ) ба 34 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва 47 муассисаи таълимоти таҳсилоти миёнаи касбӣ (бо фарогирии 36 гуруҳи мақсаднок ва 1 шуъба) донишҷӯён қабул карда шуданд.

Воқеан ҳар касе,ки дар доираи барномаҳои таълимии таҳсилти миёнаи умумӣ донишу маълумоти арзанда дорад,ба ҳар муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбии мамалакат тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки онро Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мекунад,дохил шуда метавонад,зеро ҳеҷ як аз саволу масъалҳои тест берун аз ин барномаҳо нест.

Имсол дар мувоффиқа бо Вазорати маориф ва илми ҶТ ва розигии директории Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Икром дар назди шуъбаи маорифи ноҳия ду нуқтаи бақайдгирии довталабон барои соли таҳсили 2018-19 ташкил карда шуд.Аз 1 март аз ҳисоби 2283 нафар хатмкунанда 1100 нафар ҳуҷҷат супоридаанд, ки 45 фоизро ташкил медиҳад.

Ба маврид аст қайд намудан, ки қабули ҳуҷҷатҳо то 25-уми апрел идома дошта,то 1 май 5 рӯзи дигар мӯҳлати иловагӣ дода мешавад.Дар маҷмуъ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 фоиз зиёд ҳуҷҷат супоридаанд.



*Мамадмуродов Холмурод, мутахассис-эксперти хадамоти шуъбаи маориф*

*Иқдоми нек*



# ДАСТИ КӮМАК БА ТАБАҚАИ НИЁЗМАНД

Кӯмак ва дастгирии табақаи ниёзманд амали хайру савобест,ки ҳар як шахсӣ тавонманду худогоҳ ва саховатпеша бояд ба иҷро расонад. Аҳли эҷоди рӯзномаи «Тахти Қубод» бо ин ниятҳои нек дар доираи таҷлил аз ҷашни Наврӯзӣ байналмилалӣ аз ҳисоби маблағҳои идора ба се оилаи ниёзманд-шоир РашидАбдулло аз деҳаи «Чорбоғ»,Ҷамоати И.Ниёзов,Бобоназаров Расул деҳаи Арабхона ,ҷ/д Н.Хусрав ва собиқадори матбуот Собир Носиров аз деҳаи «Гулистон»-и ҷ/д Тахти Сангин ба маблағи 1000 сомонӣ маводи ғизои кӯмак намуд.

# ДУ ХАБАР АЗ ШАҲРАК

Бо ҷонибдорӣ аз сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти олии мамалакат, сокинони бо ору номуси ноҳияи Қубодиён низ даст ба корҳои ободонию созандагӣ зада,имрӯзҳо бо дастгирии раиси ноҳия Зафар Файзуллозода дар як қатор иншоотҳои ҷашнӣ корҳои таъмиру азнавсозиро анҷом дода истодаанд.

Диловар Очилдиев як тан аз сокини ҷамоати шаҳраки Қубодиён бо мақсади саҳмгузорӣ дар рушду пешрафти ноҳия иқдом намудааст дар назди биноҳои истиқоматии кӯчаи Биноӣ бо харҷи 25 ҳазор сомонӣ майдончаи варзишиеро барои футболи хурд ва волейбол сохта мавриди истифода қарор диҳад. Бо ин ниятҳои неку созанда корҳо бо сатҳу сифати баланд дар майдончаи варзишӣ идома дорад ва расми кушодашавии он дар рӯзҳои наздик дар назар дошта шудааст.

****

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таҳлилу баррасии самтҳои гуногуни сиёсати дохиливу хориҷии кишвар ба соҳаи иҷтимоиёт аз он ҷумла дастгирии моддию маънавии қишрҳои осебпазиру эҳтиёҷманди ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир карда,қайд менамоянд,ки «Мо ба раванди солимгардонии маъюбон,дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ,аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробон- монда,оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббиву иҷтимоӣ таваҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳаммаи тадбирҳои саривақтиро амалӣ карда истодаем».

Боиси қаноатмандист,ки дар ноҳияи Қубодиён ҳам дастуру супоришҳои Сарвари давлат аз ҷониби шаҳрвандон ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳо бо камоли масъулият ба роҳбарию инобат гирифта шуда, барои татбиқи амалиашон тадбирҳо андешида мешавад. Барои исботи ин гуфтаҳо факту рақамҳо низ мавҷуданд.

Раиси ҷамоати шаҳраки Қубодиён Муҳсиддин Зарифзода зимни суҳбат ба муаллифи ин сатрҳо иброз дошт,ки бародараш Зайниддин Зарифов яке аз соҳибкорони муваффақ дар ноҳия аз ҳисоби шахсии худ ба маблағи 4 ҳазор сомонӣ маводи ғизоӣ аз қабили орд,равған,шакар биринҷ,чои хушк, макарон ва ғайраҳо ба сокинони ниёзманди деҳаҳои Гишткупрук ва Қизилтоҷикистон кӯмак намудааст.

*Адолатбону*

# Аз Насрӯд то Қубодиён

Насрӯд номи яке аз деҳоти куҳистони Қаротегин (ҳозира ноҳияи Рашт) мебошад, ки дар гузашта хеле ободу зебо буд. Ин деҳа дар дараи хушманзараи Камароб ҷойгир буда, ба ҷамоати деҳоти Шингиличи собиқ ноҳияи Шулмак дохил мешуд. Солҳои 50 - уми асри гузашта мардуми ин деҳа ва деҳоти атрофи онро ба таврӣ иҷборӣ кӯчонида ба водии Вахшу Хатлон, аз ҷумла ба ноҳияи Қубодиён оварданд. Мардуми куҳистон, ки ба қавле дар ҷойҳои салқину хушбоду ҳаво ва чашмасорону обҳои равон зиндагӣ мекарданд, одат кардан ба иқлими минтақаҳои гарм барояшон гӯё имтиҳони ҳаёт буд. Аммо зиндагӣ худ мубориза аст, саҳнаи санҷиш аст ва шахсе,ки сабру бурдборӣ ва таҳаммулпазирӣ дошта бошад, албатта ғолиб хоҳад шуд. Беҳуда нагуфтаанд, ки сабр дарахти талхест, ки меваи ширин ба бор меорад. Аз ин ҷост,ки мардуми деҳоти куҳистон низ сабру таҳаммул ихтиёр карда, макону мавзеи навро бо вуҷуди мушкилоте, ки дошт обод карданд ва дар пешрафту шукуфоии Ватани азизамон - Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштанд. Дар ин бора тасмим гирифтем оиди фаъолияти яке аз чунин шахсони фидоӣ Самадов Маҷнун,ки солҳои зиёд дар вазифаҳои гуногуни ҷамъиятиву давлатӣ кору фаъолият кардааст барои хонандаи азиз чанд маълумоте пешкаш намоем. Самадов Маҷнун 10 июли соли 1938 дар деҳаи Насрӯди водии Қаротегин дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1950 бо аҳли оилааш ба ноҳияи Қубодиён кӯчида, деҳаи Пакалаи ҷамоати деҳоти Ӯ. Назаровро макони зист қарор доданд. Баъди хатми мактаби миёна солҳои 1961 - 66 дар бахши иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин таҳсил кардааст. Бояд гуфт, ки дохил шудан ва таҳсил намудан дар чунин донишкадаи бонуфуз дар он солҳо кори саҳлу осон набуда,ба ҳар кас муяссар намешуд. Самадов Маҷнун низ ду сол пайи



ҳам ҳамчун довталаб ба он ҷо ҳуҷҷат супорида бо саъю талош, пайгирӣ ва иродаи мустаҳкаме, ки дошт дохил мешавад ва онро бомувафаққият хатм мекунад. Вай дар ин ҷода яке аз аввалинҳо буд.Ҷуръату комёбиаш дар роҳи таҳсили илм сабаб шуд, ки дигарон низ роҳи вайро интихоб карданд ва хондаву соҳибмаълумот шуда дар соҳаҳои гуногун кору фаъолият намуданд. Ба ин мисол шуда метавонад Ғиёсов Поҷоқул,Шарифов Давлатбек, Самадов Ғайрат, Абдуллоев Билол, Файзуллоев Асадхон, Давлатов Мирсанг, Амирхоҷаев Мирзохоҷа, Зардаков Файзулло ва Фозилов Идибек ва дигарон. Аксарияти онҳо мегӯянд, ки танҳо баъди оне ки Самадов Маҷнун хонда омад, мо ҷуръат пайдо кардем, ки роҳи пешгирифтаи вайро интихоб кунем,яъне ин кас як улгу ва пешбарандаи кори мо шуд. Фаъолияти кориашро Самадов М. аз соли 1966 ба ҳайси ҷонишини сариқтисодчии колхози «Пахтакор» оғоз кардааст. Баъдтар то соли 1971 дар вазифаи сариқтисодчии колхози номбурда кор карда, солҳои 1971 -1983 котиби Кумитаи ҳизбӣ ва муовини раиси колхоз буд. Солҳои 1983 - 1985 мудири шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии ноҳия,1985 - 1989 сариқтисодчӣ ва баъдан солҳои 1989 - 1991 дар вазифаи раиси колхози «Пахтакор» фаъолият кардааст. Сипас дар вазифаҳои гуногун кор карда, солҳои 1997 - 1999 раиси ассосиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Боқӣ Раҳимзода буд. Хизматҳои шоёнашро ба назар гирифта ҳукумати вақт вайро бо ордени «Байрақи сурхи меҳнат», ордени «Нишони фахрӣ», медали «Бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин» ва медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз гардонидааст. Самадов Маҷнун дар зиндагии оилавӣ ҳамчун падари мушфиқу ғамхор ва дар айни замон сахтгир буда,фарзандонашро дар руҳияи ватандӯстӣ, илмомӯзӣ ва хизмат кардан ба мардум тарбия намудааст. Аз ин ҷост,ки аксарияти онҳо соҳиби маълумоти олӣ буда, ба касбу кори гуногун машғуланд. Ҳоло бошад, Самадов Маҷнун ба синни муборки 81 расида, дар иҳотаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронад. Табиатан шухтабъ буда, дилбохтаи осори бузургони адабиёти форсу тоҷик мебошад. Маънӣ ва мафҳуми шеърро хуб дарк мекунад. Ба синну солаш нигоҳ накарда аз осори Хайёму Мавлоно, Саъдию Ҳофиз ва шоирони муосир шеърҳои зиёде азёд медонад. Дар вақти суҳбат ҳар як шеърро дар маврид ва мавқеи худ истифода мебарад. Чанд лаҳзае, ки мо аҳли эҷоди рӯзномаи «Тахти Қубод» дар суҳбати он кас будем,воқеан, ғизои маънавӣ бурдем. Дар ҳақиқат суҳбати чунин ашхос ғанимат аст. Чуноне ки бузургворе фармудааст:

**Нори хандон**
**боғро хандон кунад,**
**Суҳбати мардонат аз мардон кунад.**
**Гар ту санги хораи мармар**
**шавӣ,**
**Чун ба соҳибдил расӣ гавҳар шавӣ.**

*Маҳмудҷони Абдулаҳад*
*Давлатбек Шарифов*

ГӮШАИ САЛОМАТӢ

# ВАЗЪИ БЕМОРИИ ВНМО ВА БПНМО ДАР НОҲИЯ



То ҳол бемории пайдошудаи норасоии масъуният (БПНМ) табобати худро наёфтааст ва бо доштани маълумоти кофӣ ҳар як шахс метавонад худ ва оилаашро аз ин вабо эминдорад.

Баъди муайян намудани хусусияти гуруҳҳои беморон маълум гашт, ки сабаби ин беморӣ сирояте мебошад, ки асосан бо роҳи ҷинсӣ ва хун ва ҷузвҳои он гузаранда аст. ВНМО аввалин бор соли 1983 аз тарафи олими Фаронса Люк Монтане ва олими америкой Роберт Гало кашф шудааст.

Айни замон дар ҷаҳон зиёда аз 80 миллион сироятшудагони бемории ВНМО/БПНМ ба қайд гирифта шудаанд, ки қариб аз се як ҳиссаи онҳо аз ин беморӣ фавтидаанд.

Аввалин ҳодисаи сироятёбии ВНМО дар Тоҷикистон соли 1991 ба қайд гирифта шудааст. Агар ба маълумоти омор нигарем, аз соли 1991 то нуҳмоҳаи соли 2018 10674 (7014 мард, 3660 зан) нафар сироятёфтагон ба қайд гирифта шудаанд.

Аз байни онҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ 5659 (53%), бо роҳи тазриқӣ) 3804 (35,6%), бо роҳи вертикалӣ (аз модар ба кӯдак 409 (3,8%) ва роҳи номуайян 802 (7,6%)нафар сироят ёфтаанд. То имрӯз аз ин беморӣ 2843 нафар фавтидаанд.

Агар ба маълумоти омор назар афканем, маълум мегардад, ки айни замон ҳолати сироятёбӣ тариқи алоқаи ҷинсӣ афзуда истодааст. Яке аз сабабҳои зиёдшавии сироят ба воситаи алоқаи ҷинсӣ ин дар муҳоҷират ба алоқаи ҷинсии бетартибонаю бемуҳофизат даст задани ҷавонон мебошад.

Дар ноҳияи Қубодиён Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО вуҷуд дорад. Дар семоҳаи соли 2019 Марказ 117 ҳодисаи сироят бо ВНМО (70 мард,47 зан)-ро дар ноҳия ошкор кардааст.Ҳамаи беморон дар таҳти назорати доимии Марказ мебошанд ва ба эҳтиёҷмандон доруҳои махсуси зидди ретровирусӣ дода мешаванд, ки умри онҳоро дароз намуда, ба зиндагӣ дилгарм менамоянд.

Ҳар як бемориро барангезандааш ба вуҷуд меорад. Организми одам ҳамарӯза бо миллионҳо микробу вирусҳо тавассути неруи муҳофизи худ (иммунитет) муқобилият нишон дода, онро нест мекунад ва агар иммунитет коҳиш ёбад, организм бемор мешавад. Бемории БПНМ низ барангезандаи худро дорад ва онро вируси норасоии масъунияти одам (ВНМО) мегӯянд. ВНМО дар муҳити берун аз бадан ноустувор буда, ба одам хавфи сироятшавиро надорад ва фақат бо моеъҳои тозаи бадан (хун, нутфа, шири модар) ва бо миқдори зиёди вируси дар ин моеъҳо мавчудбуда метавонад шахсро сироят кунонад. Баъди ба бадани инсон дохил шудан вирус «сайди» худро кофта, ба ҳуҷайраҳои неруи муҳофиз (лимфоситҳо) ҳуҷум меоварад ва онҳоро оҳиста- оҳиста нест мекунад ва организмро бе пардаи муҳофиз монда, ба микроб вирусҳои гирду атроф шароит фароҳам меоварад.

Ин давра метавонад солҳои дароз (то 15 сол) давом кунад. Дар ин давра шахс аз сироятшавии худ бехабар мешавад ва агар оиладор бошад, хатари сироятшавии ҳамсар ва кӯдаки навзодаш имконпазир аст. Дар давраи аввали сироятшавӣ шахси сироятёфта аломатҳои ба грипп монандро мушоҳида мекунад ва ба ин диққат намедиҳад. Аломатҳои дар болозикршуда то ду ҳафта давом мекунанд ва ҳамин солҳои дароз шикоят пайдо намешавад,то он даме, ки нерӯи муҳофизӣ (иммунитет) коста нашавад.

Давраи аввалини бемориро ВНМО-сироятёфта мегӯянд (дар ин давра шахе худро солим х,исменамояд) ва баъди гузашти солҳо, давраи охирини сироятёбӣ-БПНМ (СПИД) ва аломатҳри он пайдо мешавад.Дар давраи охирини беморӣ нерӯи муҳофизи бадан (муни¬тет) хеле коста шуда, организм наметавонад худро аз дигар бемориҳо муҳофизат кунад. Аломатҳои аввалини бемории БПНМ: баландшавии ҳарорати бадан зиёда аз як моҳ, дарунравии беист зиёда аз як моҳ, ки ягон дору шифо намебахшад дар давоми як моҳ, камшавии умумии вазни бадан зиёда аз 10% мебошад. Агар ин аломатҳо дар шумо мушоҳида шавад, бечунучаро ба Маркази ВНМО-и ноҳия муроҷиат намоед. то барои аниқ ва табобати саривақтӣ чораҳои зарурӣ дида шаванд.Се роҳи асосии сироятшавӣ ба ВНМО мавҷуд аст: алоқаи ҷинсии бетартибонаю бемуҳофиз (беистифода аз рифола), хуни сироятёфта, ки дар ҳолатҳои бо ин хун дар тамос будан шахси солим сироят меёбад (масалан, дар ҳолати истифодабарии нашъа ба тариқи тазриқӣ бо як сӯзандору дар бай- ни нашъамандон), аз модари сироятшуда ба кӯдаки навзод дар вақти ҳомиладорӣ, таваллуд ва синамаконӣ.

Дар айни ҳол олимони ҷаҳон барои гирифтани пеши роҳи ин беморӣ кӯшишҳои зиёд карда истодаанд, аммо доруи зидди бемории БПНМ -ро то ҳол дарёфт накардаанд. Дар оянда ин беморӣ табобати худро хоҳад ёфт, аммо то ёфт шудани ин доруи миллионҳо беморон ҷони худро аз ин беморӣ аз даст медиҳанд.

Агар хоҳед, ки оиди ин бемории марговар муфассалтар маълумот пайдо намоед, пас ба Маркази ВНМО-и ноҳияи Қубодиён муроҷиат намоед. Ба Шумо тариқи махфӣ-анонимӣ ҳам хизмати тиббӣ расонда мешавад.

***Содиқов Давлатбек,***
***диретори Маркази ВНМО***
***дар ноҳия.***

# Сабабҳои бекоршавии ақди никоҳ дар байни ҷавонон



Яке аз масъалаҳои ташвишовари ҷомеаи имрӯза ин ноустувории оилаҳои ҷавон ва кандашавии ақди никоҳ дар байни онҳо мебошад. Воқеан ҳам масъалаи мазкур ҷомеаи на як кишвари мо. балки тамоми чахонро ба ташвиш овардааст. Олимон, мутахасисон ва масъулини макомотхои давлатӣ дар ин самт аз замони пайдоиши оилаи инсонӣ дар рӯи замин то кунун кушиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳарчи зудтар роҳи барҳамхӯрии оилаҳои ҷавон гирифта шавад. Масалан мутафаккири юнони қадим Арасту дар ин самт чунин ифроз намуда буд, ки «Оила пояи асосии ҷомеа ба давлат аст. Дар давлате, ки устувории оилаҳо зиёд аст, дар он ҷомеаи солим ҳукмфармост». Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ ҳуқуқбунёд аз зумраи он давлатҳоест, ки бахри устувории ҳамешагии оилаҳо ғамхорӣ менамояд. Оиди ин масъала дар Конститутсияи кишвар омадааст, ки «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.» (моддаи 33) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вобаста аз ин мақомотҳои давлатӣ махсусан мақомоти судӣ бештар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки меъёри мазкури конситутсионӣ дар амал татбиқ гардида, барҳамхӯрии оилаҳои ҷавон пешгирӣ карда шавад. Дар фаъолияти судӣ чораҳои қонунӣ баҳрӣ устувории муносибатҳои оилавӣ ва кам кардани барҳамхурии оилаҳо зиёд ба чашм мерасанд. Мисоли ин шуда метавонад, гузаронидани вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни мардум, татбиқи мӯҳлати оштишавӣ байни тарафҳо, ухдадор намудани масъулини мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ғайраҳо оиди андешидани тадбирҳои муфид ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби онҳо.

Сабаб ва шароитҳое, ки оиларо ба барҳамхӯрӣ оварда мерасонад, аз ҷониби мутахасисон таҳқиқ гардида, то ҷое муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, яке аз сабабҳое, ки бештар ба вайроншавии оилаҳои ҷавон оварда мерасонад, ин омада набудани тарафҳои барпокунандаи оила мебошад. Вобаста ба ин якчанд омилҳое ошкор гардидаанд, ки омода набудани тарафҳоро дар бастани ақди никоҳ нишон медиҳад. Аввалан, ин паст будани тарбияи оиладории никоҳшавандагон мебошад. Тарбияи инсон, чӣ дар ҷодаи оиладорӣ ва чӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёт аввалан аз оила оғоз меёбад. Яъне масъули аслии омодагии фарзанд дар бастани ақди никоҳ ин пеш аз ҳама падару модар мебошанд. Падару модар худ мактаби ҳақиқии оиладорӣ буда, ҳар як амал ва ҳар як сухани онҳо барои фарзандон дарс аст. Барои ҳаёти осоиштаву гуворои фарзандон волидайн бояд аз ибтидо ғамхорӣ намоянд, кӯшиш намоянд, ки пеш аз оиладор намудани фарзандонашон ҳама нозукию вазнинии оиладориро омӯзонида, баъдан ба ҳаёти мустақилона қадам мондани онҳоро арзанда ҳисобанд. Маҳз бо мақсади оники тарбияи фарзандон яке аз уҳдадориҳои волидон ба шумор меравад, имрӯз дар давлатӣ ҳуқуқбунёди мо қонуне бо номи «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад.

Дуввумин ба синну соли мувофиқ нарасидани никоҳшавандагон мебошад. Беҳуда нест, ки моҳи январи соли 2011 ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағийру иловаҳо ворид гардида, синни никоҳиро, ки то ин вақт аз 17 сола буд, онро ба 18 солагӣ иваз намудаанд. Албатта шароити иҷтимоиву иқтисодии кишвари мо барои то синни 18 солагӣ бастани ақди никоҳ номувофиқ мебошад, зеро таҷрибаҳо нишон додаанд, ки то синни 18 солагӣ никоҳшавандагон чӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва чӣ аз ҷиҳати ақлонӣ пурра инкишоф наёфта, бори гарони зиндагиро мустақилона бардошт карда наметавонанд. Аз ин рӯ, ин омил ҳам аксаран боиси вайроншавии оилаҳои ҷавон мегардад.

Дигар сабаби вайроншавии оилаҳои ҷавон ин пинҳон мондани бемории тарафи никоҳшаванда то баъди никоҳ мебошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки баъзан бемории то бастани ақди никоҳ; пинҳонмондаи тарафи никоҳшаванда сабаби барҳамхӯрии оилаи ҷавон мегардад. Хуб мешуд, ки пеш аз бастани ақди никоҳ тарафҳои никоҳшаванда аз вазъи руҳию ҷисмонии якдигар пурра бохабар шуда, баъдан барои бастани ақди никоҳ розигӣ медоданд. Масалан, бемориҳои сироятии табобатнашаванда, импотенсия, бемориҳои асаб ва ғ.

Дахолати шахсони сеюм ба муносибатҳои оилавӣ низ яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон мебошад. Ин ҳолат дар таҷрибаи судӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Аксари оилаҳо ба таъсири манфии хусуру хушдоман, бародарону хоҳарони ҳамсар ва дигар хешу ақрабо тоб наоварда барҳам мехӯранд. Ин ҳолат низ танзими оилавии худро талаб мекунад. Воқеан ҳам ҳастанд падару модароне, ки худашон мактаби дурусти оиладориро аз сар нагузаронда, бар ивази кӯшиши устувор нигоҳ доштани оилаи фарзандони худ боз манфиатҳои шахсиашонро волотар дониста, кинаю адоватро байни навоиладорон парварида, роҳҳои ҷудо кардани онҳоро меомӯзанд. Ҳар як фарде, ки оила барпо менамояд ; дар ҷомеа ӯ аллакай аъзои мустақил ҳисобида шуда, бояд мунсибатҳои оилавиашро мустақилона идора намуда, андешакорона рафтор намояд.

Яке аз сабабҳои бекор шудани ақди никоҳ байни оилаи ҷавонон дар он аст, ки шахсони оилабарпокунанда қабл аз бунёди оила якдигарро намебинанд ва хислатҳои ҳамдигарро дуруст аз худ карда наметавонанд, ки дар натиҷа бинобар бо ҳам мувофиқ наомадани хислатҳояшон имконияти давом додани оиладориро пайдо карда наметавонанд.

Ба ҷуз аз он, таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар аксаран ҳолатҳо сабабгори асосии вайроншавии оилаҳои ҷавон ин паст будани шароити иқтисодии тарафҳо ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба давлатҳои хориҷӣ мебошад. Зеро ҷавонон пас аз барпо намудани оила барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба давлатҳои дигар рафта, дар онҷо оилаи дигар барпо менамоянд, ки ин амалҳо боиси вайрон гардидани оилаи онҳо мегардад. Ҳатто баъзе аз онҳо тавассути телефонӣ ба тариқи динӣ аз ҳам ҷудо шуда, дар натиҷа боиси сарсониву саргардонии, пеш аз ҳама занҳо ва аз тарбияву таъмин дур мондани кӯдакони аз зиндагии якҷояи онҳо ба дунё омада мегардад.

Ҳадаф аз ин дар он аст, ки бо истифода аз тамоми роҳу усулҳо, бо мақсади фаҳмондадиҳи дар байни аҳолии ноҳия, аз ҷумла ҷавонон, ки минбаъд барои пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон равона мегардад, ба манфиати кор мебошад. Зеро вайроншавии оила ба ғенафони миллати мо таъсири манфӣ расонида, пешгирӣ накардани он метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад.

***Мамарасулзода С,***
***раиси суди ноҳияи Қубодиён.***

# Радия ба Гадоев Шарофуддин



**Дар маснавии Мавлавӣ як ҳикояти ширин омадааст, мегӯяд:**

Магасе бар пари коҳе нишаст ки он пари коҳ дар идрори харе равон буд. Магас бо кибру ғурур бар идрори хар кишти меронд ва мегуфт: Ман илми дарёнавардӣ ва киштиронӣро хондаам. Дар ин кор бисёр тафаккур кардаам. Бубинед ин дарё ин киштиро ва манро, ки чигуна кишти меронам. У дар зеҳни кӯчаки худ бар сари дарё кишти меронд. Он идрори хар дарёи бесоҳил ба назараш меомад ва он барги коҳ киштии бузург, зеро огоҳӣ ва биниши у андак буд. Натиҷаи ҳикоят ҷаҳони ҳар кас ба андозаи зеҳн ва биниши ӯст. Одами мағрур ва каҷандешӣ монанди ин магас аст.

**Соҳиби тавили ботил чун магас,**
**Ваҳми ӯ бавли хару тасвир хас,**

Азизони ман ончи аз ҳангомаҳое ин гурӯҳи террористи нисбат ба озодии ҳаммаслаки худашон Шарофуддин Гадоев сохтаанд ҳикояти магас ва бавли харро дорад зеро монанд он ки магас бавлро дарё ва хасро кишти гумон кардааст, инҳо низ ин хоинро қаҳрамон ва он гуруҳакҳои террористи пуштибони ин қаҳрамон донистаанд, аммо ҳайҳот ки ин гуруҳакҳои террористӣ ё намемонанд ва ё ки медонанд ва худро ба нодони мезананд, ки қаҳрамон касест, ки дар фикри ободӣ сохтани ватан ва осудаҳолии мардуми он мебошад, бас бинга- рем, ки ин гуруҳакҳои террористӣ дар фикри чудоии андози байни мардум ва ба хоку хун оғӯшта кардани мардуми Тоҷикистон мебошанд.

Ба ҳамагон зарур аст, ки дар пайи ободӣ сохтани ватан бошанд ва доим шукргузорӣ Худованди бузург бошем, ки давлати мо тинҷ ва ором мебошад ва ин ватан роҳбар дорад, ки доим дар фикри мардуми он мебошад, бояд бо чунин ПЕШВОИ МИЛЛАТ фахр кунем.

***Зайниддин Қарчиев,***
***сархатиби масҷиди ҷомеи***
***марказӣ***

РОЗИ ДИЛ

# ХУШДОМАНИ ГАНДАРО ХУДО БАРДОРАД!

Дар яке аз деҳаҳои Хитой духтаре оиладор мешавад. Келин ҳамроҳи шавҳар ва хушдоман зиндагӣ мекард. Баъди чанд вақти хонадоршавӣ эҳсос мекунад, ки дигар дар ин хона барояш зиндагӣ кардан душвор аст. Чунки хушдоман ба ҳар як кораш баҳудаю беҳуда эрод мегирифту ӯро таъна мезад. Духтар пеши худ мақсад мегузорад, ки бояд роҳи халос шудан аз хушдоманашаро пайдо намояд. Духтар ба бозор назди дӯсти падараш меравад, ки ӯ гиёҳ мефурӯхт. Аз гиёҳфурӯш хоҳиш мекунад, то ба ӯ ёрӣ диҳад:

- Амакҷон, илтимос ба ман кӯмак кунед. Ман дигар ҳамроҳи хушдоманам зиндагӣ карда наметавонам. Дигар тобу тоқати шунидани таънаю маломати ӯро надорам. Бовар кунед, аз ҷангу ҷанҷолҳои беҳудааш хаста шудаам.

Мард мепурсад:

-Духтарам, ман чӣ гуна метавонам ба ту кӯмак расонам, аз дасти ман чӣ кор меояд?

-Шумо ба ман ягон намуд гиёҳи заҳрдор диҳед, ман ба хушдоманам медиҳам. Ӯ заҳролуд мешаваду ман ҳам аз ҳамаи ғаму гусса озод мегардам.- Ҷавоб медиҳад духтар. Гиёҳфурӯш пас аз андешаи дурудароз розӣ мешавад:

-Хуб, ман ба ту кӯмак мекунам аммо ту бояд ду чизро нағз дар хотир доштa бошӣ. Якум ин, ки ту хушдоманатро яку якбора заҳролуд карда наметавонӣ, зеро атрофиён дарҳол пай мебаранд, ки ин кори ту аст. Ман барои ту гиёҳеро медиҳам, ки оҳиста-оҳиста ӯро заҳролуд мекунад. Дуюм, ту барои гунохи худро пӯшонидан, ки дигарон нафаҳманд, бояд ӯро аз таҳи дил ҳурмату эҳтиром намоӣ, дӯст дорӣ, ҳар сухани ӯро гӯш куни ва ба ҳар камбудӣ тоқат намоӣ. Духтар розӣ мешавад ва гиёҳро гирифта ба хона бармегардад. Минбаъд мувофиқи маслиҳатҳои мард, келин кӯшиш мекунад ҳурмату эҳтироми хушдоманашро ба ҷо орад, ӯро дӯст дорад ва ба ҳар камбудиву мушкилӣ тоқат намояд. Хушдоман мебинад, ки муносибати келин нисбати ӯ тағйир ёфтааст, дар ҳайрат мемонад. Рафта-рафта меҳраш нисбати келин зиёд мегардад. Ӯ дар ҳама ҷо, ба атрофиён келинашро таъриф мекунад. Пас аз гузашти ним сол келину хушдоман мисли модару духтар мегарданд. Духтар назди гиёҳфурӯш меравад ва зорию тавалло мекунад:

-Амакҷон илтимос, хушдоманамро аз марг наҷот диҳед ман мурдани ӯро намехоҳам. Ӯ беҳтарин инсон аст. Мард бо табассум мегӯяд:

- Беҳуда ғам нахӯр, ман ба ту заҳр надодаам, он танҳо гиёҳи шифобахш буд. Заҳр дар мағзи сари ту буд ва ту худ тавонистӣ аз он наҷот ёбӣ.

***"Тахти Қубод"***

# НИКИТА СЕРГЕЕВИЧ ХРУЩЕВ

Соли 1987 дар арафаи чашни 70-солагии Инқилоби Шӯравии Сотсиалистии Октябр дар меҳмонхонаи ш.Кургонтеппа (имрӯза Бохтар) телевизор тамошо мекардем. Дар он оиди собик роҳбари шӯравӣ Н.С.Хрушев барномаеро намоиш медоданд ва яке аз ҳамнишастагонамон гуфт: ”Хрушев хамин-мӣ? Ман бори якум ӯро мебинам”. Дар назари аввал аҷоиб буд, шахси соҳиби маълумоти олӣ, омузгор, нафареро, ки 10 сол зимоми роҳбарии яке аз давлатҳои абаркудратарин дар дасташ буд, намешиносад. Чанде қабл шахси дигари соҳибмаълумот расми Хрущевро дар маҷалла дида пурсид:”Муаллим, ин кӣ?” Ба ростӣ, дар тааччуб мондам. Ба акидаи банда агар дар бораи рохбарони Россия Елтсин, Медведев ва Путин маълумот надошта бошем боке нест. Аммо оиди Ленин,Сталин, Хрущев, Брежнев, Андропов, Черненко ва Горбачев маълумот надоштан айб аст. Зеро ин ба он далолат мекунад, ки моён аз таърихи 70 солаи кишварамон бехабарем.

Умуман, то Бозсозӣ ба номи хамаи рохбарони маъзулшудаи шӯравӣ мухри табу зада мешуд. Холо хам аксарияти мутлаки мардум оиди ин сиёсатмадор, гарчӣ дар борааш тадкикоти зиёд бурда шуда, маколахою китобхои гуногун иншо гардиданд, ба гайр аз номаш заррае хам маълумоти дигар надоранд.Бинобар хамин, банда ба худ ахд бастам, ки аз маълумоте,ки дар бораи ин симои маъруфи сиёсати сатхи чахони дорам ба хонанадагон пешкаш намоям.

Никита Сергеевич Хрущёв 17 апрели с.1894 дар дехаи Калиновкаи вилояти Курск ба олами хастӣ чашм кушодааст. Падару модараш дехконони асил буданд. Ӯ дар мактаби дехааш маълумоти ибтидоиро гирифта хангоми 14 солагиаш бо ахли оила ба шахрчаи Юзовка кучида, хамон чо аввал подабон ва сипас ба хайси шогирди слесар дар кони ангишт ба фаъолияти мехнатӣ шурӯъ намуд.

Дар Юзовка ӯ бо Пантелий Махиня, ки шахси китобдӯст буду китобхонаи худро дошт шиносой пайдо кард. Хрушев аз рафики мазкураш рӯзномаву мачалла ва китобхои гуногун гирифта кироат мекард. Баъди кироати “Манифести Партияи Коммунистӣ” дар чахонбинии ӯ тагйирот ба амал омаду дар маъракахои эътирозӣ ба мисли корпартоихо ширкат меварварзидагӣ шуд. Дар натича аз кор пеш карданд.

Соли 1914 ӯ бо Ефросиня хонадор шуд. Онхо аз ин оиладорӣ сохиби писар Леонид ва духтар Юлия шуданд.

Чанги сарзада шароити бе хамин хам вазнини шахтёрхоро вазнин кард. Ин ба корпартоӣ дар шахтаи №31, ки ӯ дар он чо кор мекард оварда расонид. Корпартоӣ натича дод. Сохибони шахта маоши коргаронро зиёд карданд.

Вазъияти сиёсӣ дар Россия торафт муташаннич мегашт.Ин ба он оварда расонид, ки дар Россия инкилоб сар заду император Николайи 2 аз тахт даст кашид.

Хрущев, ки дар ин вакт дар яке аз шахтахои Юзовка кор мекард аз ин вокеа огох шуд. Гарчи ӯ дар ин айём аъзои хизби болшевикон набошад хам, ба чонибдории хизби болшевикон майл кард.

Мохи декабри с.1917 Хрущев раиси комитети махаллии металлистони саноати маъдани кухӣ интихоб шуд.

Соли 1918 Хрущев ба сафи Армияи Сурх дохил шуда ба хайси комиссар ифои вазифа кард. Соли 1919 хамсараш аз олам гузашт.Соли 1921 ӯ ба техникуми техникии Донбасс дохил шуд. Дар ин чо ӯро рохбари ташкилоти ибтидоии хизбӣ интихоб намуданд.

Соли 1923 ӯ бо омӯзгори донишгохи мазкур Нина Петровна Кухарчук шинос шуда бо вай хонадор шуд.Соли 1924 котиби дуюми нохияи Петрово Маринск интихоб шуд.Соли 1925 ӯ ба хайси вакили анчумани 14 ВКП(б) бори нахуст ба Москва омада Сталинро дид.

Соли 1929 ӯ шунавандаи Академияи саноатии Москва гардида дар он чо бо Надежда Алилуева шинос шуд. Аз ин сабаб ӯ борхо ба хонаи Сталин омада бо вай наздик шуд. Хрущев шахси багоят кордону зудамал буд. Аз ин сабаб с. 1931 ба воситаи Коганович, ки аъзои Бюрои сиёсӣ ва котиби якуми Комитети партиявии вилояти Москва интихоб шуда буд, ба ш. Москва бо максади чоннок кардани кор ба хайси котиби якуми комитети партиявии нохияи Бауман ба кор гузашт.

Соли 1932 ӯ котиби якуми комитети партиявии ш. Москва ва хамвора котиби дуюми комитети партиявии вилояти Москва интихоб гардид.

Кор дар Москва боиси он гардид, ки Хрущев бо одамони зиёд шиносоӣ пайдо кард. Хангоми кор дар Москва диккати асосии ӯро сохтмони метро чалб мекард. Хукумати шӯравӣ максад гузошт,ки метрои сохта шудаистода бояд дар чахон бехтарин шавад.

Соли 1935 хангоми кушодашавии навбати якуми метро Хрущев бо ордени Ленин мукофотонида шуд. Хамчунин Сталин аз кордонии Хрущев нихоят хушнуд шуда ӯро хаматарафа дастгирӣ мекард.

Дар солхои 30-ум анъанаи ба корхонаю ташкилотхо додани номи пешкадамону рохбарон пайдо шуд. Аз ин сабаб мохи январи с.1936 бо карори КИМ ИЧШС заводи электромеханикаи дакики ш. Москва номи Н.С. Хрущевро гирифт.

Соли 1935 органхои КХКД дар ш.Москваю Ленинград маъракаи” тоза кардани” ин шахрхоро аз унсурхои номатлуб оғоз карданд. Дар натича даххо хазор нафарони оилахои собик точирон, фабрикантхо ва дворянхо гарчи чонибдори Хукумати шӯравӣ бошанд хам,ба дехахо кӯчонида шуданд. Дар ин маърака Хрущев ширкати фаъолона варзид. Бо гузашти солхо Хрущев ба гардан гирифт,ки боварӣ ба Сталину КХКД (НКВД) ӯро ба ин кор водор мекард. Сталин супориш медод, ки бо максади бо нишондодхои айбдоршавадагон шинос шудани аъзоёни КМ баъзе нишондодхои онхоро ба КМ фиристонанд. Масалан, Хрущев нишондоди сардори Округи харбии Киев И.Н.Дубовойро, ки дӯсти Хрущев буду шахсан кахрамони чанги шахрвандӣ Н. Щорсро бо максади сохиб шудан ба мансаби ӯ ба катл расондааст, кироат намуда, дар баробари бовар карданаш ба ин нишондод дар тааччуб буд, ки чӣ тавр ин шахс солиёни дароз хизбро фиреб медод.



Бояд гуфт, ки дар ягон маъхаз хуччате барои иштироки Хрущев дар ин террор нест. Хамчунин хуччате нест, ки аз зид будани Хрущев дар ин террор дарак дихад. “Хангоми ба охиррасии тафтишот Сталин зарур медонист, ки итирокчиёни чаласа бо он шинос шуда имзо гузоранд, моён имзо мегузоштем”- гуфта буд Хрущев.

Мохи январи соли 1938 Хрущев Котиби якуми ПК Украина интихоб шуд. Дар расонахои хабарии хорича Хрущев хамчун яке аз ташкилкунандагони террор муаррифӣ мешуд. Гарчӣ соли 1938 террор суст шуда бошад хам, аммо кам-кам амалӣ мегашт. Ва баъд аз маъзул гаштани Ежов шахсан Хрущев супориш медод, то ин ки шахсони беэътимод таъкиб шаванд.

Дар арафаи огози ЧБВ Хрущев аъзои шӯроӣ харбии округи Киев буд.Бахори соли 1942баъди шикасти кушунхои советӣ дар Харков Сарфарондехи Олӣ Хрущевро ба Москва даъват намуд. Хрущев аз такдири ояндаи худ харосида ба Москва омада мунтазири кабули Сталин шуд. Баъд аз интизории якчанд хафта ӯ ба хайси аъзои шӯроӣ харбии фронти Сталинград мувazzаф гашт. Пас аз бархам хурдани фронти Сталинград Хрущев аъзои шӯроӣ Фронти Чанубӣ шуд.

Мохи марти с.1943 ба сари Хрушев фочиа омад, писари калониаш Леонид фавтид.Самолете, ки ӯ идора мекард аз тарафи немисхо зада шуда ба ботлок афтид.

Баъди интихои ЧБВ Хрущев бахри рохбарӣ барои бартараф намудани харобихои чанг камари химмат баст. Бояд гуфт, ки дар ин чода ӯ ба муваффакиятхои калон ноил шуд.

Соли 1949 ӯ Котиби якуми комитети партиявии вилоят ва ш.Москва интихоб гардид. Мохи марти с.1953 пас аз фавти Сталин сардори котиботи КМ таъйин шуд.

Мохи марти с.1953 бо фармоиши Л.П.Берия авфи махбусон, ки бо моддахои гуногун бандӣ шуда буданд ба амал омад. Дар натичаи ин авф садхо хазор махбусон аз хабс озод шуданд. Хамчунин барои баланд бардоштани нуфузи худ рохбарияти нав 1 апрели с.1953 нархои махсулоти гуногуни хурокворӣ ва хамчунин кариб тамоми молхои саноатиро арзон кард.

Шохкории бузурге, ки Хрущев дар давоми рохбаоиаш ба амал овард, бартараф кардани шахсияти якуми давлат- Берия буд. Ӯ накшаи бартараф кардани Берияро бо одамони ба худ назик аз рӯзхои нахустини фавти Сталин мекашид.

Мохи майи с.1953 Берия барои баркарор намудани харобихои балво, ки дар ш. Берлин сар зада буд он чо фиристода мешавад. Хрущев Президиуми КМ-ро даъват намуда Берияро бо суханони “иштироки Шумо дар ин чаласа нисбат ба ширкататон дар Берлин афзал аст,” барои иштирок дар чаласа даъват менамояд. Берия фавран ба Москва омад. Кабл аз чаласа Хрущев бори дигар накшаи бартараф кардани Берияро бо Маленков ва Ворошилов тархрезӣ намуданд. Кариб хамаи аъзоёни Президиум гарчи ин амал хатари марговар дошт ба ғайр аз А. Микоян барои ба амал овардани он розӣ буданд. Барои амалӣ намудни ин максад ризогии Микоян низ лозим буд. Хрущев масъулияти ризо намудани Микоянро барои хабси Берия ба зиммаи худ мегирад. Вале Микоян чонибдори ин амалиёт нашуда гуфт, ки ӯ шахси рохгумзада нест бо ӯ коллективона кор кардан мумкин аст. Гарчӣ ин суханони Микоят сӯикасдчиёнро ба дахшат оварда бошад хам, вале тир аз камон баромада буд ва акибнишинӣ ба марг баробар мешуд.

Ба чаласа, ки 26.06 1953 баргузор гардид Хрущев таппонча дар кисса омад. Дар хучрае, ки чониби мачлисгох буд як гурух харбихои мусаллах бо сардории маршал Жуков пинхон буданд. Дар дасти Жуков Карори чаласае, ки холо тамом нашуда оид ба хабс гирифтани Берия тайёр буд.

Берия ба чаласа мағрурона ворид шуда портфели дар даст будаашро ба токчаи тиреза гузошт.

Чаласа огоз гардид ва Маленков таклиф намуд, ки дар аввал масъалахои хизби мухокима карда шаванд ва риштаи суханро ба Хрущев дод. Хрущев дар суханронии бардавоми худ хаддалимкон ба сарзаниши Берия даромада ӯро ба суханони Григорий Каминский , ки соли 1938 фавтида буд, дар чосусӣ ба разведкаи англисӣ ва мусаввити (хизби аксулинкилобӣ дар Озарбойчон, ки с.1911 таъсис ёфта с.1918 хокимиятро дар Озарбойчон ба даст гирифту с.1920 дар каламрави Озарбойчон бархам дода шуд.) айбдор кард.

Калбакӣ будани айбдоркуниро бинед, шахсеро, ки зиёда аз 15 сол бо хадамотхои чосусии кишвархои мухолиф муборизаи беамон мебурд ва хамчун рохбари гурухи олимон барои сохтани бомбаи атомӣ хизмати аввалиндарача кард дар чосусӣ айбдор карданд.

Хамчунин Хрущев Берияро дар худсарона бе ризогии КМ дар тагйироти кадрхои ВКД ва ба чойхои асосии ин вазорат мувazzаф намудни гурчихо айбдор кард. Ӯ изхор намуд, ки Берия коммунист набуда,балки мансабпараст аст ва чои ӯ дар хизб нест. Хрущевро Молотов, Булганин ва дигарон дастгирӣ карданд. Танхо Микоян худдорӣ намуд. Хрущев таклиф намуд, ки Берия аз вазифа сабукдӯш шавад. Аъзохои Президиум холо овоз надода буданд, ки Хрущев тугмачаи зангро, ки пинхони ба мачлисгох гузаронида шуда буд зер карад. Ба мачлисгох 10 нафари мусаллах бо рохбарии Жуков даромада Берияро ба хабс гирифта, дар хучраи назди утоки Маленков чой намуданд.

Аз аксуламали хизматчиёни ВКД ва мухофизони Кремл барои озод кардани Берия харосида Жуков фармон дод, ки дивизияхои танкии Котнтемиров ва Таман вориди Москва гарданд.

Дар мошинаи яке аз маршалхо тахти химояи харбихо Берияро аз Кремл бароварда дар таххонаи фармондехи Округи харбии Москва нигох доштанд.

Баъди аз Кремл баромадани Хрушев ва Маленков амалиёти махв намудани Берия идома ёфт. Таъчилӣ ба Москва баталиёни сархадбонони бахрӣ даъват гардиданд ва химояти Кремл ба зиммаи онхо гузошта шуд.Хамаи биноҳои асосии ВКД мухосира карда шуданд ва як катор рохбарони воломаком, ки хаммаслакони Берия буданд ба хабс гирифта шуданд.

Баъд аз хабс кардани Берия лачоми рохбарии давлат ба дасти Маленков, Хрушев ва Булганин гузашт. Аз байни ин се рохбар нуфузи Маленков баланд буд, вале аз баски бо Берия нихоят рафики наздик буд, бинобар хамин худро каме кашида меистод. Бо хамин сабаб шахси асосӣ аз байни ин се рохбар Хорущев шуд, зеро ӯ шахси багоят чусту чолок буд.

Аввалин дигаруние, ки Хрушев ба хаёт даровард тагйирот ба речаи кории корхонахо буд. Аз якуми сентябри соли 1953 дар корхонахо кор аз соати 9 оғоз шуда соати 18 ба охир мерасид.

Мохи сентябри соли 1953 Хрущев Котиби якуми КМ ХКИШ интихоб гардид.

17 апрели с.1954 ба муносибати 60 солагиаш Хрушев бо унвони Кахрамони Мехнати Сотсиалистӣ мукофотонида шуд. Ин сана оддӣ бе хеч дабдаба чашн гирифта шуд. Умуман ӯ бо ин унвон 3 маротиба - солхои 1954,1958 ва 1961 сарфароз гардид.

Мохи июли с.1955 дар матбуот ахборот оиди даъват шудани анчумани навбатии 20 ХКИШ дарч гардид. Дар анчуман бояд карорхо оид ба ичрои накшахо барои панчсолаи шашум ва хисоботи КМ ХКИШ шунида мешуд. Хамчунин пешбинӣ шуд, ки дар он ба тарики мухтасар масъалаи шахспарастӣ дида шавад.

Анчуман 14.02 1956 кушода шуд. Гарчӣ кабл аз кушодашавии анчуман вакилон хомӯшона Сталинро ёдбуд карда бошанд хам, вале сипас дар ягон баромад номи Сталин зикр нагардид.

Пас аз ба анчом расидани анчуман дар ичлосияи пушидаи он Хрущев оиди “Шахспарастӣ ва окибахои он “ баромад намуда на танхо иштирокчиёни анчуман, балки оламиёнро ба хайрат овард.Ин маърӯза аз маърӯзачӣ часорати фавкулодаро талаб мекард. Ва Хрущев сохиби ин часорат буд. Маърӯза то дарачае таъсировар буд, ки баъзе аз иштироккунандагон зимни кироати он аз хуш рафтанд. Бояд гуфт, ки дар ин маърӯза муболиғаи зиёде низ буд.

Аснои мухокимаи баромади мазкур байни активи хизбӣ мактуби бе ном омад. Дар мактуб гуфта мешуд :”Чаро шумоён аъзоёни Бюрои сиёсӣ ба он рох додетон, ки дар давлат ин кадар чинояти вазнин содир шуд?” Хрущев онро баланд кироат намуда хохиш намуд, ки муаллифи он хезад. Нафаре аз чой нахест. Сипас Хрущев гуфт: “Муаллифи ин мактуб метарсад. Моён низ барои зидди Сталин овоз бардоштан мехаросидем”.

То анчумани 20 –уи ХКИШ Хрущев кариб ба хорича сафар намекард. Аммо баъди анчуман сафархои хоричии ӯ мисли борони бахор фаровон шуданд. Умуман ӯ ба зиёда аз 40 кишвари хоричӣ сафар намуда, бо сиёсатмадорони зиёде гуфтушунид анчом дод.Яке аз сафархои нихоят хотирмони ӯ боздидаш аз ИМА ва баромадаш дар Ичлосияи СММ 30.09.1960 дар таърихи муносибатхои байналхалкӣ абадӣ хохад монд. Зимни дар ичлосия баромад кардани дипломати яке аз кишвархои Ғарб Хрущев ба суханронии дипломати мазкур эътироз баён намуда, пойафзоли худро кашида мизро баланд баланд куфт. Барои ин рафтори номатлуб хайати вакилони шӯравӣ ба маблаги 10000 доллар чарима карда шуданд. Вале матбуоти шӯравӣ аз ин рафтор ва чарима хомӯш буд.

Соли 1958 ӯ Раиси Шӯроӣ Вазирон шуда, хокими мутлаки ИЧШС гардид.

Дар замони рохбарии Хрушев чанги сард ба нуктаи аъло расида, хавфи сарзадани Чанги Сеюми Чахон ба миён омад. Сабаби ин вокеахо бухрони с.1961-и Берлин ва бухрони Куба дар с.1962 буд.

С.1961 анчумани навбатии 22 ХКИШ шуда гузашт ва дар он Хрущев зарбаи нихоии худро ба Сталин зад. Дар анчуман карор шуд, ки аз макбара часади Сталин баровarda шавад. Зеро ӯ сазовори дар макбара назди Ленин буданро надошт. Карори мазкур 30 октябр кабул шуд ва 31 октябр амалӣ гашт. Хамчунин мувофики Карори анчумани мазкур номи Сталин аз тамоми корхонахою ташкилотхо, шахрхо ва ғ. гирифта шуд.

Зимни сафар ба ИМА с.1959 Хрущев аз хочагии фермерӣ, ки сардораш Р.Гарст буд огах аз он шуд, ки хамаи муваффакиятхои ин фермер вобаста ба парвариши чуворимакка аст. Пас аз бозгашт ӯ бе маслихат ба олимон ба таври мачбурӣ супориш дод, ки кишти чуворимаккаро ба маротиб зиёд намоянд. Ӯ хатто мачбур кард, ки чувороимакка дар чойхои барои кишту кор номувофик-дар шимоли Русия парвариш карда шавад. Дар натича хочагихо зарари гушношунид диданд.Вале Хрущёв далелхои сабаби ба вучуд омадани зарарро шунидан намехост ва зиёд намудани масохати чуворимаккаро талаб мекард.

Хамчунин пас аз огахи шудан аз муваффакиятхои хочагии кишлоки- ИМА ахд мекунад, ки дар зарфи на зиёда аз 3-4 сол ИЧШС ИМА-ро дар истехсоли гушт расида гирад. Бо ин максад ӯ шиори “Ба ИМА расида аз он пеш гузаштан”-ро ба миён гузошт. Баъзе рохбарони вилоятхою кишвархо ба мисли вил.Рязан, кишвархои Ставропол , Краснодар ва ғ.ин шиорро на санчидаву тахлил накарда бо масади ба Хрущев садокати худро нишон додан ваъда медиханд, ки истехсоли гуштро накам аз 2маротиба зиёд мекунанд.

Мохи октябри с.1961 анчумани навбатии 22 –ми ХКИШ шуда гузашт. Дар анчуман Барномаи ХКИШ кабул шуд ва мувофики он дар ИЧШС 20 сол, яъне то с.1980 чамъияти коммунистӣ бунёд мегардад. Бо ин максад шиори “Насли хозира дар чамъияти коммунистӣ хохад зист”-ро ба миён мегузорад..

То с.1961 колхозчиён бо сабаби пиронсолӣ нафака намегирифтанд ва Хрущев супориш дод, ки ба колхозчиён нафакаи синну сол дода шавад. Вале сарфи назар аз ин амали ӯ нуфузаш бо сабаби накшахои беандешааш рӯз то рӯз паст мешуд. Масалан, хангоми боздид аз Миср бо максади ба кор даровардани агрегати якуми НОБ-и Асуон ӯ супориш дод, ки ба рохбари Миср Чамол Абдулносир унвони Кахрамони Иттифоки Советиро диханд. Баъд аз чанде ин Кахрамони Иттифоки Советӣ 2000 аъзоени хизби коммунистии Мисрро ба зарфхои оханин вокеъ дар биёбони Сахро нигох дошта чазо дод.

Умуман Хрущев бо сафархои зиёди худ ба кор кариб ки ахамият намедод. Масалан ӯ дар зарфи 9 мохи с.1964 135 рӯз дар сафар буд. Бинобар хамин рохбарият ба таври пинхонӣ, ба мисли он ки Хрущев пинхонӣ барои бартараф кардани Берия чахд карда буд, накшаи аз вазифа сабукдуш карданашро мекашиданд.

Накши асосиро дар сабукдуш кардани Хрущев Суслов М.А. ва Шелепин А.Н. бозиданд. Хамчунин Котиби дуюми КМ ХКИШ Брежнев Л.И.ва вазири мудофиа Р,Я. Малиновский ба ин амал ризогии худро доданд.

Накша ба накшаи аз вазифа сабукдуш кардани Берия шабохат дошт. Хрущев дар кароргохи чанубии худ дар Крим истирохат мекард.Суикасдчиён аз набудани ӯ истифода бурда Президиуми КМ даъват намуданд. 13 октябр Брежнев ба ӯ занг заду гуфт, ки Аъзёни КМ барои гузаронидани Пленум бо максади мухокимаи пешниходхоятон оид ба масъалаи хочагии кишлок даъват шуданд. Хама мунтазири Шумо”.Дар чавоб Хрущев гуфт:”Ин масъала таъчилӣ нест. Бар замми ин ман дар рухсатиям.Метавонистетон, ки сабр карда онро баъд гузаронетон”. Аммо Брежнев таъкид мекард, ки ширкати ӯ шарт ва зарур аст. Инчунин Р.Я. Малиновский низ таъкид кард,ки ширкати ӯ дар ин чорабини шарт аст. Сипас Брежнев гуфт:” Агар Шумо иштирок накунед мо Пленумро бе Шумо мегузаронем,” Хрущев розӣ шуду бо асабоният гуфт:”Майлаш, самолётро фиристонед”.

Чаласаи Президиум тахти рохбарии Хрущев нихоят тезу тунд мегузашт. Хрущев ба таври катъи айбдорбуданашро инкор карда дар содир шудани камбудихо аъзоёни Президиумро айбдор кард.Аз иштироккунандгони чаласа танхо А. Микоян Хрущевро тарафдорӣ кард. Аз чараёни чаласа Хрущев фахмид, ки Пленум ӯро ба мисле, ки с.1956 дастгирӣ кард чонибдорӣ намекунад.Аммо Хрущев барои истеъфо додан розӣ намешуд. Бинобар хамин чаласае, ки рӯзи 13 шуда гузашт ба пагох мононда шуд. Вале шаби 13 Хрущев ба Микоян занг зада гуфт:”Модоме ки манро намехоханд, ман розиям ба истеъфо равам”. Маврид ба зикр аст,ки Хрушев аз рӯи мақоли мардумӣ «нахуди пеши қошуқ» буд ва дар ҳар кор «қатиқ» ҳам мешуд.

Хамин тарик дар Пленуме, ки 14 октябр шуда гузашт Хрущев аз вазифа рафт.

Баъди аз вазифа рафтани Хрушев ифшои камбудихои содир кардаи ӯ мисли сел аз болояш рехтанд. Аз баёни ин камбудихо маълум мегардид, ки гунахкори асосӣ дар содир шудани онхо танхо Хрущев буду халос. Чӣ тарзе ки баъд аз вафоти Сталин тамоми муваффакиятхои дар даврони рохбарии ӯ ба дастомада фаромӯш шуд, муваффакиятхои дар замони рохбарии Хрущев ба даст омада низ фаромӯш гардиданд. Ва чунин хулоса мебарояд, ки дар замони рохбарии ин сиёсатмадор ягон муваффакиятба даст наомадааст.

***ҲОҶӢ АКБАР НАСИМӢ***

№14-15 (8323) ЧОРШАНБЕ 10 АПРЕЛИ СОЛИ 2019

# СУҲБАТ ВА ҲАМНИШИНӢ

Ҳарчанд:

**«Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд»,**

-аммо одамон тафриқае аз ҳам доранд ва аз ҷиҳати хулқу атвор, услубу одобу кирдор ва эҳсоси ботиниву сирати рафтор бо ҳам нобаробаранд.Оре, инро ҷои инкор набувад.Покизагии ҳар ашёи пурҷило, зебо ва гуворост, на ба мисли он чизи ғайритабъ, ки ӯ табъро тира созад ва дилу дидаро наорояд. Ҳазар аз он чизе, ки ӯ зарар орад ва дар асл пурзарар бошад!

Ҷавонӣ чун лаҳзаҳои нозук ва пуртароватн шукуфаи гулҳои бӯстони зиндагист, ки онро парастори ва нигоҳбони кардан аз осеби зараровари гармсели ҳаёт ва гирифтори хазон ва пажмурдаҳолӣ намудан ҷабр аст бар соҳибаш ва гуноҳи азим аст дар назди аҳли ҷамъият. Инак бо дилу дидаи хирад некро аз бад бояд фарқ кард, бо нек якҷоя буд, аз бад ва ҳамнишинӣ бо ӯ ҳазар намуд.

Ҷавони домод ё наварӯси таннози арсаи умрест, ки бо гузашти лаҳзаҳои зиндагӣ онро бо он ҳусну ҷамол ва зебоии баркамол наёбӣ ва он таровату гармии пурҳарорат дигар туро муяссар нагардад ва боз ёфтани онро ноил нагардӣ:

«Ҷавоне гуфт:» «Эй пири дилогоҳ,
Чи гум кардӣ, ки хам гаштӣ дар ин роҳ?»
Ҷавобаш дод пири хуштакаллум,
Ки айёми ҷавонӣ кардам гум».

Ҳамнишинӣ ва сӯҳбат бо доноён чун чароғи фурӯзонест,ки аз зиёи ӯ хонаи дил мунаввар гарда два торикӣ (ҷаҳл ва ҷоҳилӣ) аз он иво дурр шавад.

Дурр гаштан аз равшандилон ва анисиҷуҳало будан,пойро ба ботлоқи сиёҳи пуруфунат олуда намудан ва ҷавонро ба интиҳои кӯчаи сарбастаи ҷоҳилӣ бурда расонад:

**«То ба кай дур гардӣ ту аз сӯҳбати**
**равшандилон,**
**Кӯдак аз мактаб гурезад, ҷоҳилӣ**
**пайдо шавад».**

(Имло)

Бо афроди баду бадхӯй,ҷоҳилу ҷобир ва бадтинати авбошсифат мусоҳиб ва ҳамнишин будан окубат пушаймонӣ орад, ва дуди оҳ аз димор барорад.

Афъолу рафтор,хислату хусусият ва фазилатҳои мавҷудаи ҳамсӯҳбату ҳамнишинро бо мизони ақлу хирад бояд баркашид ва бидонист,ки ҳастии мавҷудияти ҷавҳари матлаби дил ба паллаҳои шоҳини авзони тафаккур дорои мусовият аст,ё нобаробар бошад,ки дар амал пушаймониҳо ора два зараровар бувад.

**«Сӯҳбати мард асар кунад,**
**Суҳбати номард зарар кунад».**

# ДӮСТӢ, РАФОҚАТ ВА ОДАМИЯТ

Пӯшида нест,ки дӯстӣ, рафоқат ва меҳрубонию одамият дар ҳаёт фазилати беҳтарин ва воломақоми инсонист,ки бидуни он ширинии умр ба одамӣ муяссар нагардад. Аз қаъри асрҳои дерин байти зерини Ҳофиз ба гӯш хуш садо медиҳад,ки ӯ фармудааст:

**«Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,**
**Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад».**

Оре ширинии ҳаёт, лаззати зиндагӣ ва гуворои маънавии ҷомеаи башар дар дӯстӣ ва рафоқат аст, ки бе ӯ ҳаёт ба чашми хирад мисли осмоне бувад,ки рӯи он боа бри тирарӯ пӯшида асту маҳрум аз ну рва зиё бошад.

Ба лавҳи хоти рва тасаввури ақлу хирад меояд, ки ҳар як узви ҷомеа чи руссу қазоқ,чи тоҷику қолмоқ,чи украину белорус ва чи озару узбек аз адам ба олами ҳастӣ ба як минвол қадамгузор гардида меоянд ва бо ҳамин минвол- бе ҳеҷ тафриқае равон ба сафараш мешаванд.

Пас тафриқае байни ин қавму миллат ва халқу ҷамъият чист,ки мо бо ҳам дӯстӣ,рафоқат ва фазилатҳои беҳтарини воломақомии одамиятро изҳор нанамоем?

Бояд чунин пиндошт,к ибо ҳам дӯст ва дар робитаи дӯстӣ будан,аз ин гулзори бехазони умеди одамият якҷоя гул чидан тақозои ҳаёт ва ҷараёни беҷурми зиндагии тамоми ҷомеаи башар бошад,ки бе ӯ аз гулшани ҳаётгузории даҳр гули мақсуд ба даст овардан ғайри имкон бошад.

**«Як гули мақсуд дар ин бус тон,**
**Чида нашуд бе мадади дӯстон».**

***(Саъдӣ)***

Ҳарчанд,ки дар сурат тафриқае дорем, вале модар асл якем ва умеде дар дил дорем, ки осеберо дар зиндагии ҳамдигар набинем. Ба тасаввури аси ӯ будан ноодамист:

**«Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,**
**Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ».**

***(Саъдӣ)***

Чунин ягонагии бани одамро ба мадди назари эътибори хирад нагирифтан, бехирадмандист ва дур аз олами одамию одамият бошад.

Бояд донист,ки сари мӯе хилофи мардум будан, рафтори ношояму хилоф зоҳир намудан ба эшон,бидуни шубҳа, ҳаводис ва ҳолатҳое падидор гардад,ки сариштаи орзу ва иродаи неки одамӣ аз ӯ гумм гардад ва хирмани муроди дилҳо барбод равад.

**«Ҳар ҷо мӯе хилофи мардум бошад,**
**Сариштаи рабти олами гум бошад»**

***(Бедил)***

Бо ҳамаи халқҳо якҷоя нафас гирифтан,бенафасиро аз байн бара два ба дили тоифаҳои бо ҳам дӯст, рафиқ ва муттаҳид будан ба тани одамӣ хуни рафоқат ва меҳрубонӣ давад, зеро одамӣ чун аз мардуму халқ ҷудо шуд, ӯро қадр нанамуд ва дӯстию рафоқат ба вай зоҳир накард,мисли он бошад,ки моҳие аз об ҷудо гардонда бенафас монад:

**«Машав аз халқҳо ҳаргиз ҷудо то як нафас дорӣ,**
**Ки моҳӣ як нафас бе об монад,бенафас гардад».**

Хирадмандони даҳр,ниёгони мӯътабар рӯй ба авлодони накӯноми хеш оварда бо оҳанги таъкид фармудаанд, ки ба озори дил макӯш,бани одамро қадр намо, ки одамият ба беозорист:

**«Ҷуз камозорӣ набошад мардумӣ, гар мардумӣ,**
**Чун биёзори маро, ё нестӣ мардум магар?».**

Бале, одами мардумозор дар байни одамон одам набошад ва чун одам бишмурда шудани ӯ низ нашояд:

**«Он, ки надорад сифати мардумӣ,**
**Нест барии одамиён одамӣ».**

***Хусрави Деҳлавӣ***

# МАСЪУЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ БОШЕМ



Таълиму тарбияи фарзанд аз падару модар вобаста аст. Ҳар як падару модар ҳаракат мекунад фарзандаш дар мактаб бо баҳои хубу аъло хонад, дар сафи пеш кадам зада, дар корхои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда, намунаи ибрат бошад. Дар баробари ин муаллим низ мехоҳад, шогирдони боодобу фаъол дошта бошаду бо интизоми намунавӣ аз онҳо ифтихор намояд.

Ман хам чун омузгор дар машғулиятҳоям кӯшиш мекунам, бештар ба хонандагони сустхон ва тартибу интизомашон суст сари кор гириф¬та, барои ба донишомӯзӣ ҷалб намудану ба низом даровардани таҳсилу одоби онҳо чораандешӣ ва таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоям. Аз таҷрибаи кори педагоги ам ба чунин хулоса омадаам, ки ҳар қадар хонандагони сустхонро таҳти назорату ҳидояту роҳнамоии хеш қарор диҳем, ба ҳамон андоза шавқу ҳаваси онҳо ба донишандузӣ афзуда, сафи хонандагони фаъол рӯ ба афзоиш ниҳода, азхудкунии фанҳо дар синф фоизи бештарро фаро мегирад.

Бояд омӯзгорон дар ҳамгироӣ бо волидон ба шогирдон доимо хулқу атвори некро талқин намуда, бо суханҳои таъсирбахшу пан¬ду андарзҳои ҳадафрас ба таҳсили аъло, меҳнати бошарафона ва ояндаи нек онҳоро руҳбаланд созанд. Мутаассифона бо падару модароне низ вомехурем, ки фарзандони худро аз назорат дур гузошта, гаълиму тарбияи онҳоро танҳо аз рӯзгорон вобаста дониста, масъулияти хешро дар таълиму тарби¬яи фарзанд ба гушаи хотир намеоранд.

Дар урфият «карсак аз ду даст» мегӯянд, ки бе ҳикмат нест. Агар дар таълиму тарбияи фарзандон волидон бо устодон ҳамкорӣ накунанд, дар ташаккули ахлоқу одоб ва донишомӯзии шогирдон ба натиҷаи назаррас ноил шуда на- метавонем.

Мо,устодон,бо волидон тавре бояд кор барем, ки шогирдон дар баробари донишомӯзӣ,ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардида, дар муассисаи таълимӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ боодобона рафтор намоянд, ба калонсолон ва пиронсолон ёрӣ расонида, ба ҳамдигар дӯсту рафиқ бошанд.

Бузургони гузоштаи мо низ дар ин хусус аз худ осори неке боқӣ гузоштаанд,ки байтҳои зерин намунае аз онҳост.

**Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,**
**Сад ҷон бидиҳӣ,адаб харӣ арзон аст.**
**Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасад,**
**Зеро,ки адаб тоҷи сари мардон аст.**

Камина ҳамчун сарвари муассиса ҳаракат мекунам,шогирдони худро оқилу доно,боодобу ботамкин тарбия намуда,дар руҳияи хештансиносию инсонпарварӣ ва ватандӯстӣ ба воя расонам,то ки онҳо соҳибмарифат ва соҳиби касбу кори писандида гардида,ба халқу ватани азизи худ софдилона хизмат намоянд.

***Очилдиев Мунтасир,***
***ҷонишини директории МТМУ –и №7***

# КИТОБ ХОНДАНУ НАВИШТАН ВА ИМЛО

Китоб хазоин ва манбаи дониш аст, ки бе он ороиши маънавӣ дар гулистони илму фазл одамиро муяссар нагардад ва наҳкате аз ин наври бехазони хушрангубӯ ба машом набарад. Китоб-авроқи рангин ва сеҳрангези таҷассумкунандаи илму фан ва ҳаёти одамӣ дар ҳамаи замонҳо бувад ва бидуни он,бузургони даҳр, донишмандон ва суханварони баҳру бар ба дараҷаи бузургӣ ва камолоти фазлу адаб нарасанд ва суде аз ин олам ба худ набаранд.

Ин эъҷози маҳбуби дил бо анвори субҳгоҳони оламафрӯзи хеш хонаи дил ва дидаи толиби ӯ будаи ҳар манзилро мунаввар намояд ва бобби маърифат ба назари ин афрод бикшояд.

Даро васфи ин хазоини маънавӣ Ҷомӣ гуфтааст:

**«Аниси кунҷи танҳои китоб аст,**
**Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст…»**

Бе китоб илму дониш тамаддун дар ҷамъият инкишоф ва такомул наёбад ва борони фазлу адаб дар мазрааи маънавии одамӣ набора два гиёҳе рӯй ба сабзшавӣ наорад. Зеро дониш дар китоб осмони донишҷӯй пӯшидаи саҳоб аст. Китоб аниси накӯгуфтор ва ҷалиси хушхулқуатвори одамист:

**«Воқеан нест ҷуз китоб анис,**
**Гуфтаанд : «Ал-китобу хайру-ҷолис!»**

***(Камолиддини Биноӣ)***

Чуноне,ки гул аз гулзор,сабзаву лола аз кӯҳсор,об аз ҷӯ бору кабку товус аз марғзор ҷуста мешавад, гавҳари дониш аз китоб ба каф ояд, бе дониш арӯси мурод бабар н-ояд.

«**Илм сайд омаду китобат қайд**
**Беҳ, ки дар қайд баста бошад сайд».**

***(Камолиддини Биноӣ)***

Бесабаб нест,ки: «Китоб манбаи дониш аст» гуфтаанд бузургон.

Шарт ва қавоиди китоби хондашударо дарк намудан дар ин водӣ роҳ паймудан аст. Онро на аз ёд,балки бошуурона бояд донист ва дар лавҳаи хотир бояд нақш бандонид:

**«Сад хона китоб хондию нест ба ёд.**
**Бояд, ки китобхона дар сина бувад!»**

***(Тошхӯҷаи Асирӣ)***

Чун маро равону фасеҳ ва оҳангдору мутаасир хонӣ,-манн шод ва сарфарозу миннатдор мешавам,туро таҳсин ва офаринҳо мегӯям ва орзу менамоям,ки дигар орзуи ту ин бошад:

**«Маро дар мактаб ин бошад муродам,**
**Барояд чун хат имлою саводам!»**

***(Фурқат)***

Бидон,ки хониши бе имлову савод чун одами амоит ва дар ҳастии вуҷуди ӯ ду дидаи бино ?набувад,ки он яке савод хасту дигаре имло. Имло-магзи навиштан аст, ки хатти имлояш вайронро чормагзи пуч пиндоранд.

Чуноне,ки ба хонадни манн эътибор медихи ва махорат пайдо мекуни,ба зебову бехато нависи ого знамо ва усули хатонависиро биёмуз,ки дар васфи хусни хат гуфтаанд:

«Харчи ба когаз навишта ояд,бехтар аз когаз набошад».

***(Абулфазли Бойхаки)***

**«Агар хохи шави хушнавис,**
**Навису навису навис!»**
**«Калами хешро чали кардам,**
**Талаби хатти Мирали кардаам».**

Эй соҳиби ман! Бидон,ки хониш навиштан ва имло-моҳар се секучаи хандасоем,бе яке ноустуворему на зебоем.

Зебои ва назокати хат уро сурат бошад, имло сирати уст. Сурати бе сирати чун акали беҷонест,ки варо на сухан бошад ва на дар саҳни гулшани дил боғ ва чаман.

Се кунчи мо бо хидояти тафвккур бо калам рост кашида шавад, ки калам дили кач ва хар чизи кач калам-калам шавад.

Қалам дар ҳар се кунҷи мо машъали фурӯзонест,ки бо анвори ӯ хонаи дили ҳар якеи мо пурзиё ва ҳусну латофаташон аз ин ру нур ба таври ҳамешаги хушнамо бошад ва ин анвор моро ба манзили мақсуд бирасонад:

**«Қалам гуфто,ки ман шоҳи ҷахонам,**
**Қаламкашро ба мақсад мерасонам»**

***Аз «Футувватнома»-и Разиюлло Абдуллозода.***
***Душанбе «Адиб»1993***

**Гирдоваранда Шералӣ Шехвалӣ**

# МАНЪИ НОСУ СИГОР

Ба наздикӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» дар таҳрири нав ба тасвиб расид. Қонуни мазкур фурӯш ва истифодаи маҳсулоти тамоку, аз ҷумла, чилим, нос, ва сигори электрониро дар дохили бино ва ҳудуди муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ,илмию таълимӣ, биноҳои давлатӣ ва гайридавлатӣ, тарабхона, ошхона, чойхона, каҳвахона, бинои осоишгоҳҳо, меҳмонхона ва хобгоҳҳо, дар нақлиёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, таксӣ, дар ҳудуди фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан, нақлиёти шахсӣ, ки дар он кӯдакони то 16-сола ҳузур доранд, майдончаҳои кӯдакон, даромадгоҳҳои бинои истиқоматӣ, лифт, гузаргоҳҳои зеризаминӣ ва биною иншооти дигаре, ки барои одамон дастрас мебошанд, манъ менамояд.

***«Тахти Қубод»***

АНДЕШАҲОИ ҲУҚУҚШИНОСОН

# МУШКИЛОТИ ЗАНОН ҲАНГОМИ ҶУДОШАВӢ



Тайи солҳои охир пошхӯрии оилаҳо дар кишвар афзудан дорад, ба ҳангоми ҷудо шудан занон ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд..

Надонистани ҳуқуқҳои худ. Ин мушкили аввалини занон аст. Замоне, ки оилаи онҳоро пароканда гӣ таҳдид мекунад, ба куҷо ва кадом ниҳод муроҷиат намуданро намедонанд. Дар сурате, ки тарафайн бо розигии якдигар ҷудо шудан намехоҳанд, бояд ба воситаи мақомоти судӣ ақди никоҳи онҳо бекор карда шавад. Дар бисёр мавридҳо, ҳангоме ки ба мо муроҷиат менамоянд, онҳо ҳатто аз уҳдаи одитарин кор навиштани ариза ба хубӣ баромада наметавонанд. Дар ин ҳолат зан ба назди ҳимоятчӣ фиристода шуда, бобати аризае, ки пешниҳод кардан мехоҳад (ариза оид ба бекор кардани ақди никоҳ, руёндани алимент ва ба муқаррар намудани падарӣ), маълумот дастрас менамоянд. Пас аз ба даст овардани маълумот ариза ба суд навишта шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ: шаҳодатномаи ақди никоҳ, маълумотнома аз ҷойи истиқомат ва расиди маблағи боҷи давлатӣ ҳамроҳ карда мешаванд. Ин маблағ барои пешниҳоди ариза оид ба бекор кардани ақди никоҳ ситонда мешавад, ки он алҳол 11 сомониву 50 дирам арзиш дорад. Тибқи қонун аз ариза оид ба ситондани алимент боҷи давлатӣ талаб карда намешавад. Дар аризаи бекор кардани ақди никоҳ аз оғози зиндагӣ то ба пароканда гӣ, сабаб ва омилҳои ҷудо шудан оварда мешаванд. Пас аз супурдани ариза, дар сурати пайдо шудани камбудӣ ба муҳлати 3 шабонарӯз ба даъвогар ариза баргардонда мешавад, то ин ки ислоҳ намояд. Ҳангоми дуруст будани ариза як нусхаи он бо иловаи ҳуҷҷатҳои дигар ба даъвогар ва нусхае аз он ба ҷавобгар дода мешавад.

### Моддаи 22 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

«Зимни баррасии парвандаҳо дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ суд барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавкуф гузошта,ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ муҳлат диҳад».

Талаб карда натавонистани молу мулк. Дар бисёре аз мавридҳо занон намедонанд, ки онҳо ҳуқуқ доранд, молу мулке, ки ба вақти туйи арусӣ ҳамчун тухфа овардаанд, бо худ бурда метавонанд. Агар даъвогар хоҳиши талаб намудани молу амволро дошта бошад ҳатман ариза оид ба руёндани молу амвол ва руйхати ҷихозе, ки ҳамчун туҳфа аз хонаи волидон оварда буд, ба суд пешниҳод менамояд.

Аз ҷамъи маблағҳои молу амвол, даъвогар 7 фоизи маблағро месупорад.Дар сурати камбизоат ва хонашин будани даъвогар, ин маблағ аз ҷониби ҷавобгар ситонида мешавад. Пас аз баромадани халномаи суд,ки як моҳро фаро мегирад ва тақсим намудани молу мулк, даъвогар ҳамроҳи судиҷрочӣ барои гирифтани молу мулкаш меравад.

### Моддаи 36 КО ЧТ

«Молу мулке, ки ба зану шавҳар то ақди никоҳ тааллуқ дошт, инчунин молу мулке, ки дар давраи заношӯӣ зан ё шавҳар ҳамчун ҳадия ё мерос гирифтааст, моликияти ҳар кадоми онҳо мебошад».

Маскуншавӣ. Пас аз ҷудошавӣ мушкили аслие, ки занон ба он мувоҷеҳ мешаванд, ин надоштани ҷойи истиқомати доимӣ мебошад. Бисёре аз онҳо худу фарзандонашонро дар хонаи волидайн бори зиёдатӣ пиндошта, мехоҳанд ҷойи зисти хешро дошта бошанд. Дар ин сурат, суд муайян мекунад, ки ҷониби ҷавобгар барои аз тарбия дур намондани фарзандон онҳоро бо ҷойи зист мувақкатӣ ва то расидан ба синни 18 – солагӣ таъмин намояд. Яъне, ҷавобгар метавонад яке аз ҳуҷраҳои хонаи истиқоматиашро барои онҳо ҷудо намояд ва ё дар сурати доштани имконият барои фарзандонаш хонаи истиқоматии алоҳида харидорӣ намояд. Қатъи назар ба он ки он хона ба номи кадоме аз аъзои оила аст. Дар сурати надоштани фарзанд низ зан ҳуқуқи маскун шуданро дорад. Агар ӯ зиёда аз 6 моҳ дар хонадони шавҳар зиндагӣ карда бошад. Зеро, ӯ арӯс шуда дар ин оила нисбаташон хизмат кардааст.

Сари вақт пардохт накардани алимент. Падару модар вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро падару модар мустақилона муайян менамоянд. Падару модар ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома (созишнома дар хусуси пардохти алимент мувофиқи боби 16 Кодекси оилаи ҶТ) бандад.

Агар падару модар фарзандонашонро худро таъмин накунанд,маблағ барои таъминоти онҳо (алимент) аз падару модар тибқи тартиби муқаррарнамудаи судӣ ситонда мешавад. Баробари пешниход намудани ариза оид ба талаб намудани алимент, суд маблағи таъминоти фарзандонро вобаста ба фаъолиятва ҷойи кори алиментсупоранда муайян менамояд. Қонун муайян кардааст, ки падар ба ҳар яке аз фарзандони худ то расидан ба синни 18 - солагӣ маблағи таъминоти фарзандро пардохт намояд. Алимент устувор ва ҳиссавӣ мешавад. Алименти устувор 150 сомониро ташкил медиҳад. Дар сурати корманди давлатӣ будани ҷавобгар, аз ӯ алименти ҳиссавӣ руёнда мешавад.

Қонун чунин муқаррар кардааст, ки барои як кӯдак 25%, 2 кӯдак-33% ва аз ду-се фарзанд зиёд 50% аз ҳақиқи маоши корманд меруёнанд. Ҳамаи ин маблағҳо бояд тариқи корти махсус бо воситаи бонк пардохт карда шаванд. Мутаассифона, пас аз тартиботи судӣ низ на ҳама вақт ҷониби ҷавобгар сари вақт алиментро месупорад. Дар ин сурат, даъвогар хақ дорад нисбат ба ӯ ба мақомоти судӣ муроҷиат намояд ва тариқи ҳалномаи суд тамоми маблағҳои пардохтнашудаи ҳаққи таъминоти фарзандро ситонад.

Дар сурати насупурдани алимент, нисбат ба ҷавобгар парвандаи ҷиноятӣ кушода мешавад. Ҳамчунин, бо назардошти вазъи моддию оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷуҳ суд андозаи алиментро кам ва ё зиёд карда метавонад.

### Моддаи 81 КО ҶТ

«...Агар кӯдакон тахти таъминоти пурраи давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ қарор гирифта бошанд, суд ҳуқуқ, дорад андозаи алиментро кам кунад ё аз пардохти он озод намояд. Маблағхое, ки аз падару модар барои таъминоти кӯдакони дар муассисаҳои кӯдаконаи давлатӣ ҷойгир карда шуда пардохта мешаванд, дар ҳаҷми муқарраршудаи қисми якуми ҳамин модда ба ҳисобномаҳои шахсии тарбиятгирандагон дар бонкҳои амонатӣ гузаронида мешавад».

Бояд гуфт, ки дар сурати надоштани ақди никоҳи давлатӣ низ зан метавонад аз падари фарзандаш барои таъминоти ӯ маблағ талаб намояд. Дар сурати нобоварӣ пайдо шудан аз ҷониби падари фарзанд оид ба он ки ба фарзанди худ буданаш бовар надорад, суд тариқи муайян намудани падарӣ (шоҳидон ва ДНК) маблағи алиментро дақиқ менамояд.

*Толиби Амониён,*
*мудири маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ*

# БА ҚАДРИ ОБҲОИ ҶОРӢ МЕБОЯД РАСИД...

**Вақти он омадааст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои оби тоза ва вобаста ба он ҷалб карда шавад.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*

Об манбаи ҳаёт, ободонӣ, тағйирдиҳандаи релефу иқлим, ҳалкунандаи ҳамаи ҷизҳо, тахшинкунанда, қувваи теладиҳандаю кашонанда, манбаи паҳнкуни тухму дони растаниҳо, хуни бадани замину наботот ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки дар замони қадим файласуфи юнонӣ Фалес обро манбаи табиии ҳама чиз ҳисоб мекард, яъне ӯ чунин меҳисобид, ки тамоми чиз аз об пайдо мешавад ва ба об табдил меёбад.

Дар пайдоиш ва тараққиёти тамаддунҳои қадимӣ об нақши асосиро мебозид. Аз ин ҷост, ки муқаддас шумоидани обро мо дар динҳои ҷаҳонӣ мушоҳида менамоем, чунончи мусулмонон чашмаи оби "Зам-зам"-ро шифобахшу табаррук медонанду ҳиндуҳо дарёи Гангро.

Дар Қуръони Карим (сураи 2, ояти 19-20) омадааст: "Сачда кунед ба Худованде, ки замин ва осмонро офарид ва аз осмон ба Шумо об ва меваҷоти хурданӣ фиристод", "Хуред, нӯшед ва ҳаловат баред аз баракати Аллоҳ ва нокунед корҳои бадро дар рӯи замин".

Об неъмати худовандӣ буда, бояд ба ҳама дастрас бошад. Дар ҳадисҳо омадааст, ки дар рӯзи "Қиёмат" Худованд се ашхосро намебахшад ва яке аз онҳо шахсоне, ки дар сафар ба ҳамсафари худ об намедиҳад.

Аз қадиммулайём то имрӯз ба чаҳор унсури муқаддасе, ки сабаби ҳастиву бақои оламу ҳаёт мебошанд, яке об аст. Пекин, аз бемасъулиятӣ, хунукназарӣ, беэҳтиётӣ, бенизомӣ ва ғайриоқилона истифода намудани ин неъмати бебаҳои табиат дар рӯи замин ҳазорон одамон дар рӯи заминхазорон одамон дар орзуи ин атои муъҷизанок ҷон медиҳанд. Беҳуда нест, ки дар куҳантарин мероси фарҳангамон-китоби муқаддаси "Авесто" ситоиши об таъкид ба таъкид зикр шудааст:

**Эй Амшоспандон!**
**Дарёчаҳои обҷойро меситоем,**
**Порадои "Ҳафт-хат"-ро меситоем.**
**Киштзорҳои судбахши гандумро меситоем,**
**Обҳои чашма (сорон)-ро меситоем,**
**Нигоҳдору офаридагонро меситоем,**
**Маздо ва Зардуштро меситоем.**
**Кухҳои обрезакро меситоем.**

Маълум аст, ки дар давраҳои қадим одам барои эҳтиёҷоти худ дар як шабонарӯз аз 12 то 18 м3 обро истифода мебурд. Дар асри 19 бошад, дар давлатҳои саноатӣ як нафар дар як шабонарӯз аз 40 то 60 м3 обро истифода мебурд. Дар аввалҳои асри 21 бошад ин нишондиҳанда 10 маротиба афзуда, микдори умумии истеъмолиаш ба 6000 км3 дар як сол баробар шудааст. Нисфи ин об бебозгашт истеъмол карда мешавад.

Муайян карданд, ки фақат дар ИМА истеъмоли об ба сурати 5,7 ҳазор М3 дар як сол меафзояд. Дар шахрҳои калони саноатӣ дар як шабонарӯз як нафар одам аз 300 то 600 литр обро сарф менамояд.

Бисёр давлатҳои ҷаҳон чандин сол боз ба хариду фурӯши оби нӯшокӣ сару кор доранд. Масалан, ИМА аз Канада, Германия азШведсия,Арабистони Саудӣ аз Малайзия оби нӯшокиро мехаранд. Агар дар асри 20 аҳолии рӯи замин то 3 маротиба зиёд шуда бошад,пас истеъмоли оби нӯшокӣ то 7 маротиба афзудааст. Истеъмолкунандагони асосии оби тоза давлатҳои мутараққии ҷаҳон мебошанд.

Аз рӯи хисоби коршиносон ҳар як нафар аҳолии Олмон дар як шабонарӯз 127 литр, ИМА 296 литр Россия 278 литр об стеъмол мекунанд.

Вале касе ҳисоб накардааст, ки аз ин миқдор об чӣ қадараш мақсаднок истифода мешаваду чӣ қадари он бе мақсади муайян ҷорианд. Ҳол он, ки аҳолии Шарқи наздик ва Африқо аз нарасидани оби нӯшокӣ мушкилӣ доранд. Дар 40 соли охир дар мамлакатҳои ин минтақа истеъмоли оби ошомиданӣ аз 3300 литр то 1250 литр кам шудааст.

Вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст? Пӯшида нест, ки дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 60% захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ маҳфузанд. Ҳамзамон 42% обҳои зеризаминии минтақа дар Тоҷикистон ҷойгир шуда, ба ҳар сари аҳолӣ 18 ҳазор $м^3$ оби нӯшокӣ рост меояд.

Боиси ифтихору сарбаландии ҳамагон аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чор Қарор Маҷмаи умумии Созмони Милали муттаҳид марбут ба масъалаҳои об қабул шудаанд. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор" солҳои 2018- 2028 давоми мантиқии се пешниҳоди қаблан қабул ва дар тамоми ҷаҳон роҳандозӣ шудаи ҷониби Тоҷикистон аст, ки дурандешӣ ва бетараф набудани Сарвари давлати мо ба вазъи кунунии мубрам ва ояндаи боз ҳам ноустувори аҳолии кураи заминро дар таъмини об, бахусус оби нушокӣ тасдиқ мекунад.



Даҳсолаи нав моро водор месозад. ки барои таъмини саросари аҳолии ҷумҳурӣ тамоми малакаи зеҳниву ақлонии худро самаранок истифода намоем. Чиҳати сохтмон, роҳандозии системаи нави обтаъминкунӣ дар баробари ҷалби бештари маблағҳои инвеститсионӣ ба бучети ҷумҳуриявию маҳаллӣ ташаббусҳо ва сахмгузории бевоситаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, худи аҳолии маҳал зарур аст.

Бояд зи худ бипурсем, ки дар ин раванд мо чӣ гуна саҳм метавонем гузошт? Ҳар яки мо бояд ҳангоми обёрии боғоту киштаи хеш ба исрофи беҳудаи об роҳ надиҳем. Дарёву ҷӯйҳоро тоза нигоҳ дорем, партовҳоро ба об наандозем. Ақалан чумаки оби беҳуда ҷоришударо маҳкам намоем. Мо инро метавонем! Алҳақ, метавонем. Ва дуруст дарк менамоем, ки « Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз...", то фардо дер нашавад.

*Мирзосафар Сабуров,*
*мудири бахши дин*

# Дарди ишқ

Дили ман побанди ишқат,ба Худо раҳо намеша,
Ишқи ту чунон дардест,ки дигар даво намеша.
Сурати ту,эй азизам, он замон ба дил, ки ҷо шуд,
Ҳамчу нақши санги хора,ки дигар фано намеша.
Гар чи дидам ман баҳору гулу ғунчаи шукуфон,
Чи кунам,ки ғунчаи гул чу лаби ту во намеша.
Сад баҳору сабзаву гул бахри ман надорад арзиш,
Ба хаёлам дар ду олам мисли ту пайдо намеша.
Васфи ишқи ту намудам ман ба шеъру ҳам тарона,
Лек ҳазор-ҳазор шеърам ҳамчу ту зебо намеша.
Гар биҷуйӣ баъди маргам ту ҳазор соли дигар,
Ҳамчу ман ошиқи рӯят дигаре пайдо намеша.

# Таманниёти баҳорӣ

Баҳри ту сад гуна гулҳои қатор,
Ман таманно мекунам дар ин баҳор.
Файзу иқболу нишоти зиндагӣ,
Аз Худо хоҳам бароят,эй нигор.
Эй азизи дил баҳорат хуш бувад,
Шаҳди хурсандӣ бароят нӯш бувад.
Рушанат бодо чароғи бахти худ,
Шамъи ағёрат ҳама хомӯш бувад.
Мисли гул бишкуфта бошӣ дар чаман,
Ҳамнишинат лолаву сарву суман.
Доғи ғурбатро набинӣ ҳеҷ гахе,
Шод бошӣ,шод бошӣ дар Ватан.
Ин баҳору сад баҳор бошад туро,
Нағмаву савти ҳазор бошад туро.
Дарду ғам ҳаргиз набинӣ дар ҷаҳон,
Хушиҳои бешумор бошад туро.

*Маҳмудҷони Абдулаҳад*
*«Тахти Қубод»*

# АКСҲО ИНЪИКОСГАРИ «НАВРӮЗ-2019»


















## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Номаи камоли гумшудаи силсилаи АБ. №219333, ки онро соли 1984 МТМУ №34-и ноҳияи Қубодиён ба Ҳофизов Диловаршо Маҳмадшоевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи АН №38052, ки онро соли 1989 МТМУ №27-и ноҳияи Қубодиён ба Салимҷонова Сайёра додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи АТА №0750954, ки онро соли 2018 МТМУ №44-и ноҳияи Қубодиён ба Мусоев Хаириддин Рузибоевич додааст, эътиборнадорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи БП №948488, ки баъди хатми синфи 8-ум онро соли 1982 МТМУ №7-и ноҳияи Қубодиён ба Давлатов Абдуғафор Ҳомидович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи ТШТА №0714436, ки онро соли 2011 МТМУ №7-и ноҳияи Қубодиён ба Сангаков Рахмидин Ҳалимович баъди хатми синфи 9 додааст, эътибор надорад.

***

Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замини наздиҳавлигӣ дараҷаи №0691944, ки онро бо Қарори Ҷамоати деҳоти «Заркамар» аз 27.05.2008 сол таҳти №75 КДФ БММҒ ноҳияи Қубодиён ба Абдиев Сунатулло додаст эътибор надорад.

**ТАХТИ ҚУБОД**
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён
**САРМУҲАРРИР**
***САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ***
Нишонии мо: 68943, н.Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ 200.

Рӯзнома 07.01.2019. таҳти №119рз-97 дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

**Телефон барои тамос: 93-842-36-25**
**Рӯзнома бо теъдоди 3100 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.**